4. Для Таджикистана в современных условиях глобализации международной миграции населения, необходимо развитие сотрудничества и активное привлечение международных, общественных, неправительственных организаций и гражданского общества для совместного решения недостатков в сфере миграции. Такое сотрудничество поставлено во многих странах мира и оно имеет хорошие результаты. Создание Фонда социально-правовой поддержки мигрантов и членов их семей является одним из инструментов укрепления сотрудничества органов государственной власти с другими секторами [1-А, 3-А].

5. Проблема эмиграции кадров, или «утечка мозгов» отрицательно влияет на экономическое развитие

Таджикистана. Исследования показывают, что за период 1991-2010 гг. количество кадровых потерь в разных сферах народного хозяйства составили 266 тысяч человек и такие потери практически невосполнимы. Расчеты по методике ООН показывают, что в случае эмиграции из страны одного специалиста, этому государству наносится ущерб в размере 300 тысяч долларов США. Если подсчитать общий экономический ущерб республики за эти годы по причине «потери кадров», то это составит 79 млрд. 800 млн. долларов США. Один из способов сдерживания «утечки мозгов», это создание хороших материально-бытовых условий и внедрение стимулирующих методов для сохранения специалистов, а также разработка современных государственных программ в городах и районах республики в целях социально-экономического и инновационного развития государства [1-А, 3-А, 25-А, 31-А].

6. Одно из трудностей, которое существует долгие годы в сфере трудовой миграции, это считается низкий профессиональный уровень и незнание иностранных языков со стороны большей части трудовых мигрантов. Филиппинская модель государственно-частного сотрудничества показывает, что в этой стране 68% учреждений профобразования составляет частный сектор и только 32% являются государственными. Более 70% граждан Филиппин обучаются в частном секторе, и такое деловое партнерство оказывает непосредственную поддержку правительству по обучению граждан современным и конкурентоспособным профессиям на рынке труда. Таджикистану нужно осуществить такую деятельность [1-А, 2-А, 17-А, 35-А].

7. Глобализация миграционных процессов в мире и существующие проблемы в сфере рынка труда и занятости населения предполагают, что Таджикистан еще несколько

десятилетий будет заниматься вопросами миграции. Учитывая, что государственный уполномоченный орган по вопросам миграции в лице Министерства труда, миграции и занятости населения Республики Таджикистан выполняет многофункциональную деятельность и проблемы миграции не всегда находят своевременное решение, создание на базе действующей Миграционной службы выше названного министерства самостоятельное Министерство миграции и по делам диаспор считается целесообразным, которое не требует больших финансовых затрат из бюджета государства. Вклад мигрантов в устойчивое развитие и стабильность государства является значительным и мигранты заслужили иметь свое министерство, которое со всей ответственностью будет круглосуточно осуществлять эффективную деятельность по решению проблем в сфере миграции, учитывая пребывание таджиков во всех континентах мира [1-А, 3-А, 39-А].

## IV. СПИСОК ОПУБЛИКОВАННЫХ РАБОТ АВТОРА ПО ТЕМЕ ДИССЕРТАЦИИ

### А) Монографии, книги и брошюры

[1-А]. Бабаев А.А. Монография. Современные проблемы миграции населения Республики Таджикистан: ее потенциал в процессе развития страны [Текст]. Душанбе. 2020. – 480 с., 30 п.л.

[2-А]. Бобоев А.А. Монография. Равандхои муосири мухочирати ахолии Чумхурии Точикистон: мушкилихо ва роххои халли он [Текст]. Душанбе. 2022. – 248 с., 15,5 п.л.

[3-А]. Рахимзода Ш.М., Саидмуродзода Л.Х., Бобоев А.А. Трудовая миграция в контексте демографических тенденций и перспектив. //Учебный модель/Учебное пособие. Государственный финансово-экономический университет

Таджикистана. [Текст]. Душанбе. 2024. – 66 стр., 4,2 п. л., автором – 3,5 п. л.

[4-А]. Бабаев А.А. Брошюра. Методические указания для сотрудников Государственного агентства социальной защиты, занятости населения и миграции по реинтеграции возвратившихся на родину трудящихся-мигрантов (методическое пособие) [Текст]. Душанбе. 2010. - 64 с., 4,0 п.л.

**Б) Публикации в изданиях, включенных в перечень ведущих рецензируемых научных журналов и изданий, рекомендуемых ВАК при Президенте Республики Таджикистан и ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации:**

[5-А]. Бабаев А.А. Трудовая миграция – как фактор инновационного развития государств приема и отправки мигрантов. //ж. "Экономика Таджикистана". – 2017. - №4. - С. 159-167.

[6-А]. Бобоев А.А., Азимова З.А. Тачрибаи байналхалќи оид ба чалб намудани мухочирони таълими дар рушди мамлакат. //мачаллаи "Паёми Донишгохи омўзгори". – 2020. - №1-2(5-6). - С. 68-71.

[7-А]. Бабаев А.А. Государственная миграционная политика и возвращение мигрантов – граждан Республики Таджикистан [Текст] / А.А. Бабаев // Евразийский юридический журнал. – 2016. - №1(92). – С. 214-217.

[8-А]. Бабаев А.А. Государственная миграционная политика и возвращение мигрантов – граждан Республики Таджикистан [Текст] / А.А. Бабаев // Евразийский юридический журнал. – 2016. - №1(92). – С. 214-217.

[9-А]. Бабаев А.А. Проблемы управления миграционными процессами и факторы, способствующие региональной интеграции. //ж. "Экономика Таджикистана". – 2017. - №1. - С. 137-148.

[10-А]. Бабаев А.А. Вазъи мухочирони мехнатии бозгашта ва хамгироии онхо дар чамъият [Матн] / А.А. Бабаев // Иктисодиёти Точикистон. – 2016. - №4. – С. 51-55.

[11-А]. Бабаев А.А. Проблемы возвратившихся трудовых мигрантов –граждан Республики Таджикистан [Текст] / А.А. Бабаев // Известия Академии наук Республики Таджикистан. – 2017. - №2(246). - С. 81-90.

[12-А]. Исламов С.И, Бабаев А.А., Исломова З.С. Влияние внешней трудовой миграции на социально - экономическое развитие страны [Текст] // Таджикистан и современный мир. – 2017. - №2(57). - С. 120-131.

[13-А]. Бабаев А.А. Проблемы управления миграционными процессами и факторы, способствующие региональной интеграции [Текст] / А.А. Бабаев // Экономика Таджикистана. – 2017. - №1. - С. 137-148.

[14-А]. Бабаев А.А. Трудовая миграция – как фактор инновационного развития государств приема и отправки мигрантов [Текст] / А.А. Бабаев // Экономика Таджикистана. – 2017. - №4. - С. 159-167.

[15-А]. Бабаев А.А. Роль мигрантов и диаспор в процессе социально-экономического развития Республики Таджикистан [Текст] / А.А. Бабаев // Экономика Таджикистана. – 2018. - №3. - С. 57-66.

[16-А]. Бабаев А.А., Мировая миграционная глобализация и ее эффективное использование в странах назначения и происхождения. [Текст] / А.А. Бабаев // Экономика Таджикистана. – 2018. - №4. - С. 141-148.

[17-А]. Бабаев А.А., Азимова З.А. Миграционные процессы в Республике Таджикистан и потенциал таджикской миграции в условиях глобализации [Текст] / А.А. Бабаев, З.А. Азимова // Демография. Социология. Экономика. – 2019. - Том 5. - № 3. - С. 180-185.

[18-А]. Бабаев А.А. Мохият ва сабабхои мухочирати таълими [Матн] / А.А. Бабаев // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2019. - №1. – С. 171-178.

[19-А]. Бабаев А.А. Современные проблемы качественных характеристик трудящихся мигрантов Таджикистана [Текст] / А.А. Бабаев // Экономика Таджикистана. – 2019. - №2. - С. 131-137.

[20-А]. Бабаев А.А., Махкамов П. Современная ситуация с трудовой миграцией иностранных граждан в Республику Таджикистан [Текст] / А.А. Бабаев, П. Махкамов // Экономика Таджикистана. – 2019. - №4. - С. 220-225.

[21-А]. Бобоев А.А. Таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муҳоҷирати меҳнати [Матн] / А.А. Бабаев // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2020. - №3(71). - С. 187-202.

[22-А]. Бобоев А.А. Таҷрибаи байналхалқи оид ба ҷалб намудани муҳоҷирони таълими дар рушди мамлакат [Матн] / А.А. Бобоев, З.А. Азимова // Паёми Донишгохи омӯзгори. – 2020. - №1-2(5-6). - С. 68-71.

[23-А]. Бобоев А.А. Масъалахои мухочирати мехнати ва афзалиятнокии он дар шароити муосири Точикистон [Матн] / А.А. Бобоев, П.Х. Махкамов // Паёми молия ва иқтисод. – 2020. - №1(21). - С. 86-100.

[24-А]. Бабаев А.А. Сабабҳои будубоши ғайриқонунии муҳоҷирони меҳнати дар кишвари қабул ва тадбирҳо оид ба пешгирии афзоиши он [Матн] / А.А. Бобоев, М.У. Мирзоева // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2021. - №2(2). – С. 134-145.

[25-А]. Бобоев А.А. Нақши муҳоҷират дар рушди иқтисодиёт ва татбиқи сиёсати давлати оид ба таъминот бо шуғли пурмаҳсул [Матн] / А.А. Бобоев, М.У. Мирзоева // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2021. - №3. – С. 180-186.

[26-А]. Бабаев А.А. Нақши интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнати, диаспораҳо ва ҳамватанони бурунмарзи дар таъмини трансформатсияи индустриалии деҳот [Матн] / А.А. Бобоев // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2022. - №3. - С. 134-141.

[27-А]. Саидмуродзода Л.Х., Бабаев А.А. Диверсификация внешней трудовой миграции из Республики

Таджикистан: проблемы и перспективы [Текст] / Л.Х. Саидмуродзода, А.А. Бабаев // Экономика Таджикистана. – 2023. - №1. - С. 153-163.

[28-А]. Бобоев А.А. Нақши муҳоҷират дар таъмини амнияти иқтисодии кишвар [Матн] / А.А. Бобоев // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2023. - №2(82). - С. 245-258.

[29-А]. Бобоев А.А. Таъсири вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар ба муҳоҷиршавии кадрҳои соҳаҳои маориф ва тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.А. Бобоев // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2023. - №3(83). – С. 244-252.

[30-А]. Бобоев А.А. Самтҳои асосӣ, вазифаҳо ва афзалиятҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар замони муосир [Матн] / А.А. Бобоев // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – 2023. - №4(8). - С. 120-131.

[31-А]. Бабаев А.А. Самтҳо ва ҳадафҳои асосии рушди муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар чаҳорчӯбаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [Матн] / А.А. Бабаев, Ф.А. Мирсаидов // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2023. - №2. - С. 124-133.

[32-А]. Бабаев А.А., Мирсаидов Ф.А. Современная миграционная ситуация Республики Таджикистан и потенциал для интеграции на пространстве ЕАЭС и СНГ [Текст] / А.А. Бобоев, Ф.А. Мирсаидов // Экономика Таджикистана. – 2023. - №3. - С. 163-169.

[33-А]. Бобоев А.А. Муҳоҷирати олимону мутахассисон ва таъсири он ба амнияти иқтисодию иҷтимоии кишвар [Матн] / А.А. Бобоев // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – 2024. - №3(11). - С. 155-164.

[34-А]. Бобозода А. Содержание, функции и подсистема управления трудовой миграции как основа обеспечения миграционной безопасности. [Текст] / А. Бобозода // Экономика Таджикистана. – 2025. - №2. - С. 127-138.

[35-А]. Бобозода А. Трудовой потенциал и занятость населения старших возрастных групп. //журнал ВАК “Вестник” филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. Том 2. №1(46). 2025. ISSN 2709-6246. - С. 134-146.

**В) В других научных изданиях:**

[36-А]. Бабаев А.А. Частные агентства занятости и их роль в процессе организованного набора трудовых мигрантов [Текст] / А.А. Бабаев, М.К. Муродов // Третий международный демографический форум “Демография и глобальные вызовы” 23-25 мая 2024 года. – Воронеж: “Цифровая полиграфия”, 2024. – Том 1. - С. 316-325.

[37-А]. Бобоев А.А. Танзими соҳаи шуғл ва муҳоҷират ҳамчун омили бартарафсозии ҳолати зиддибӯҳронӣ [Матн] / А.А. Бобоев // Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ (25-26 ноябри соли 2021). – Душанбе, 2022. – С. 34-41.

[38-А]. Бабаев А.А. Закономерности происходящих миграционных процессов и проблемы потери кадров в Республике Таджикистан [Текст] / А.А. Бабаев // Российская академия наук, Уральское отделение, Институт экономики. Глобальные вызовы демографическому развитию. Сборник научных статей. – Екатеринбург, 2022. - Том I. – С. 284-295.

[39-А]. Субхонов А.И., Бабаев А.А. Тенденции рождаемости населения в Республике Таджикистан [Текст] // Российская академия наук, Уральское отделение, Институт экономики. В сборнике: Глобальные вызовы демографическому развитию. Сборник научных статей. Том II. – Екатеринбург, 2022. - С. 301-309.

[40-А]. Бабаев А.А. О влиянии пандемии COVID-19 на миграционные процессы и положение мигрантов Республики Таджикистан [Текст] / А.А. Бабаев // Российская академия наук. Институт научной информации по общественным наукам. Курский государственный университет. Россия:

тенденции и перспективы развития. Материалы XIII Международной научно-практической конференции «Регионы России: стратегии развития и механизмы реализации приоритетных национальных и региональных проектов и программ». – Москва, 2022. - № 17. - Часть 3. – С. 321-325.

[41-А]. Бабаев А.А. Перспективы сотрудничества между Республикой Таджикистан и Российской Федерацией в области миграции [Текст] / А.А. Бабаев // Х11 Уральский демографический форум, Том 2-й. Международная научно-практическая конференция. Сборник статей. – Екатеринбург, 2021. – С. 208-215.

[42-А]. Бобоев А.А. Таъсири пандемияи (COVID-19) ба ҷараёни муҳоҷират ва интиқоли пулии муҳоҷирони меҳнати [Матн] / А.А. Бобоев, М.У. Мирзоева // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи “Вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи пандемияи коронавирус (COVID-19)”, 11 декабри соли 2021, шахри Кӯлоб. - 2021. – С. 53-57.

[43-А]. Бабаев А.А. Традиционность семейных ценностей в Республике Таджикистан и роль трудовой миграции в благополучии семей мигрантов [Текст] / А.А. Бабаев // Международный симпозиум «Семья и преемственность поколений»: материалы симпозиума, Иваново – Плёс, 30 сентября – 1 октября 2022 г. – Иваново: Ивановский государственный университет, 2022. - С. 179-185.

[44-А]. Бабаев А.А. Современные проблемы трудовой миграции в Республике Таджикистан и новые подходы к региональной интеграции [Текст] / А.А. Бабаев // Уральский институт управления РАНХиГС при Президенте РФ. Сборник статей VIII Уральского демографического форума. - Том 2. – Екатеринбург, 2017. – С. 259-265

[45-А]. Бабаев А.А. Трудовая миграция как форма проявления экономического закона народонаселения [Текст] / А.А. Бабаев, З.А. Азимова // РАН, Уральское отделение,

Институт экономики. X Уральский демографический форум. Сборник статей. - Том 2. – Екатеринбург, 2019. – С. 20-26.

[46-А]. Бабаев А.А. Диаспоры: необходимость их привлечения в процесс развития Таджикистана [Текст] / А.А. Бабаев // Федеральное государственное бюджетное учреждение науки. Институт проблем рынка Российской Академии наук (ИПР РАН), Материалы международной научно-практической конференции 25-26 февраля 2016 г. - М., 2016. - С. 84-89.

[47-А]. Бобоев А.А. Масъалаҳои такмили механизмҳои идоракунии давлатӣ ва танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.А. Бобоев // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи “Дастовардҳои соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар давраи Истиқлолияти давлатӣ” (24 сентябри соли 2021). Пажуҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии ВММША ҶТ. – Душанбе, 2022. – С. 129-140.

[48-А]. Бабаев А.А. Вклад трудовых мигрантов в социально-экономическое и инновационное развитие государств [Текст] / А.А. Бабаев // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему «Финансово-кредитное регулирование развития инновационного предпринимательства в Таджикистане», 10 мая 2022 г. РТСУ. - Душанбе. 2022. – С. 36-41.

[49-А]. Бабаев А.А., Ульмасов Р.У. Анализ деятельности частных агентств занятости по организованному набору и отправке трудовых мигрантов за рубеж [Текст] / А.А. Бабаев, Р.У. Ульмасов // ”Рынок труда”– научный журнал ГУ НИИ труда, миграции и занятости населения. – Душанбе, 2023. - №4(59). - С. 28-38.

[50-А]. Бабаев А.А. Концептуальные основы совершенствования системы управления внешней трудовой миграции Республики Таджикистан [Текст] / А.А. Бабаев // ”Рынок труда”– научный журнал ГУ НИИ труда,

миграции и занятости населения. – Душанбе, 2023. - №4(59). - С. 55-65.

[51-А]. Бабаев А.А. Современное состояние рынка труда в Республике Таджикистан и его влияние на трудовую миграцию [Текст] / А.А. Бабаев // Сборник научных трудов Международной российско-таджикской научно-практической конференции “Россия и Таджикистан в условиях меняющейся мировой экономики”. Институт экономики Российской академии наук. – Москва, 2024. – С. 101-109.

[52-А]. Бобозода А. Теоретические основы совершенствования системы управления трудовой миграцией и обеспечения миграционной безопасности [Текст] / А. Бобозода // ”Рынок труда”– научный журнал ГУ НИИ труда, миграции и занятости населения. – Душанбе, 2024. - №3(62). - С. 66-78.

**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ДЕМОГРАФИЯ**

**УДК 339.727. 22(115)**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**БОБОЗОДА АНВАР**

# ТАКМИЛИ НИЗОМИ ИДОРАКУНӢ ВА ВОСИТАҲОИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МУҲОҶИРАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дарачаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.01 – Амнияти иқтисодӣ

**Душанбе – 2025**

Диссертатсия дар шуъбаи таҳқиқотҳои демографии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро карда шудааст

| | |
|---|---|
| **Мушовирони илмӣ:** | **Исломов Садулло Ибодович**, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ<br><br>**Улмасов Раҳмон Улмасович**, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи славянии Тоҷикистону Русия |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Блиничкина Надежда Юревна,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии иқтисодии Самара.<br><br>**Ғоибназарзода Саид Муҳаммадназар,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, вакили Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон<br><br>**Гаибназаров Шуҳрат Умарқулович,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, директори Муассисаи давлатии таълимии коллеҷи муҳандисӣ- омӯзгории ноҳияи Ҷаббор Расулови вилояти Суғд |
| **Муассисаи тақриздиҳанда:** | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон |

Ҳимояи диссертатсия 31 октябри соли 2025 соати 13:00 дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо суроғаи 734025, Ҷумҳурии Точикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Ризо 6А баргузор мегардад. E-mail:boboev.komil@list.ru. Тел.: 911-00-48-84

Бо матни диссертатсия ва автореферат дар китобхона ва сомонаи расмии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, www.ied.tj. шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» ______ соли 2025 тавзеъ шудааст

Котиби илмии
Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ Бобозода К.О.

## Муқаддима

**Мубрамияти мавзӯи тадқиқот.** Дар ҷаҳони муосир муҳоҷирати байналхалқии аҳолӣ ба шакли глобалӣ табдил ёфтааст ва шояд давлате набошад, ки бо оқибатҳои манфӣ ва ҳамзамон мусбии ҷараёни муҳоҷират дучор нашуда бошад. Равандҳои муҳоҷират бештар аз омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, демографӣ ва экологӣ вобастагӣ дорад, ки аҳолӣ барои пайдо кардани зиндагии беҳтар ба дигар минтақаҳо ва кишварҳо ҳиҷрат мекунад. Лекин, онҳо намедонанд, ки то кадом андоза сафарашон метавонад мушкил ва хатарнок гардад, зеро кафолати амният ва ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқии онҳо на ҳама вақт вуҷуд дорад.

Дар сохтори умумии муҳоҷирати аҳолӣ намуди муҳоҷирати меҳнатӣ бештар оммавӣ мебошад ва диққати ҷиддиро талаб мекунад, зеро он ба некуаҳволии оилаҳо ва рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳои қабулу интиқоли муҳоҷирон саҳми назаррас мегузорад. Лекин, дар бисёри кишварҳо системаи идоракунӣ ва воситаҳои таъмини амнияти муҳоҷират то дараҷаи зарурӣ такмил наёфтааст ва он ба татбиқи сиёсати самараноки давлатӣ дар самти муҳоҷират таъсири манфӣ мерасонад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи муҳоҷирати меҳнатиро ҳамчун яке аз афзалиятҳои сиёсати берунаи давлат баррасӣ намуда, соли 2001 Консепсияи муносибро қабул кард, ки дар он мақсадҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва стратегии давлат муайян шудаанд [2]. Ҳамзамон бояд қайд кард, ки Ҳукумати кишвар ҷараёни муҳоҷирати меҳнатиро ҳамчун зуҳуроти муваққатӣ баррасӣ намуда, ҷиҳати коҳиш додани содироти қувваи корӣ ба хориҷа, чораҷуӣ менамояд. Бо ин мақсад Консепсияи дигар [3] қабул шуд, ки дар он вазифаҳо оид ба таъмини захираҳои меҳнатӣ бо шуғли пурмаҳсул дар ҳудуди кишвар, гузошта шудаанд. Дар ин масъала муҳоҷирати меҳнатӣ бо сифати танзимкунанда оид ба татбиқи сиёсати давлатӣ дар рушди

шуғли пурмаҳсул дарҷ гардидааст, ки он якбора дар ду самт мусоидат менамояд: якум - ба шуғли беруна фаро гирифтани захираҳои меҳнатии дар дохили кишвар истифоданашуда ва дуюм - бо ҷалби маблағу сармояи муҳоҷирон дар ҳудуди мамлакат таъсис додани ҷойҳои нави корӣ бо маоши арзанда.

Бо назардошти мавҷудияти хатарҳои муҳоҷират дар ҷаҳон, моҳи декабри соли 2018 дар Марокаш конфронси байналхалқӣ барпо шуд ва дар он Шартномаи глобалии муҳоҷират (ШГМ) қабул гардид. ШГМ аввалин механизми байналхалқии ҳамкории кишварҳо мебошад, ки барои такмили системаи идоракунӣ ва таъмини амнияти муҳоҷират дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва глобалӣ мусоидат мекунад. Тоҷикистон, мисли дигар кишварҳои ҷаҳон, қарордоди мазкурро имзо кард ва барои иҷрои ҳадафҳои гузошташуда тадбирҳои зарурӣ андешида истодааст.

Гузаронидани тадқиқоти илмии пешниҳодшуда аз муҳимияти татбиқи маҷмӯи вазифаҳое, ки дар ҳуҷҷатҳои стратегии миллии кишвар қабул гардидаанд, бармеояд. Зарурати ҳалли мушкилоти дар боло зикршуда, аҳамиятнокӣ ва интихоби мавзӯи таҳқиқоти мазкурро муайян менамояд.

**Дараҷаи азхудшудаи мавзӯи тадқиқот.** Ба таҳқиқи мушкилоти муҳоҷирати аҳолӣ асарҳои зиёди илмии олимони маъруфи ватанӣ ва хориҷӣ бахшида шудаанд. Дар байни олимони хориҷи дуру наздик, ки дар омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни муҳоҷирати аҳолӣ ва такмили системаи идоракунии муҳоҷират саҳми назаррас гузоштаанд, Э. Г. Равенштейн, А. Кауфман, С.И. Брук, М. Кайзер, М.Л. Лифшитс, Т. Ачакосо, А. Г. Вишневский, Г. Витковская, В. А. Ионцев, И. В. Ивахнюк, И. В. Рыбаковский, Ж.А. Зайончковская, С. В. Рязансев, М. Б. Денисенко, О.Д. Воробёвя Э. Григорян, Н. Ю. Блиничкина, И. Л. Ямзин, В. И. Переведенцев, А. В.

Топилин, О.А. Парфентсева, В. П. Вощинин, В. Дятлов, А. Докучаева, А. Н. Каменский, С.А. Арутюнов, Э.П. Бабин, В.В. Василев, С.Б. Хорев, В.М. Моисеенко, Е.Ю. Садовская, Е.В. Тюрюканова ва дигарҳо мебошанд.

Масъалаҳои идоракунии муҳоҷирати меҳнатӣ, оқибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ, мутобиқсозӣ ва ҳамгироии муҳоҷирон дар ҷомеаи маҳаллӣ аз ҷониби С.В. Рязансев, И. В. Ивахнюк, А. И. Прокопович, А. В. Топилин, О.А. Парфентсева, Е.Ю. Садовская, Е.В. Тюрюканова ва дигарон таҳқиқ шуданд.

Бо дарназардошти он, ки мушкилоти амнияти муҳоҷират барои ҷомеаи муосири ҷаҳонӣ мавзуи нав ҳисобида мешавад ва он ҳанӯз пурра омӯхта нашудааст, то ҳол ҳатто аз ҷониби олимони хориҷӣ тадқиқоти кам гузаронида шуд. Бо вуҷуди ин, асарҳои олимони русиягӣ мавҷуданд, ки кори онҳо маҳз ба масъалаҳои амнияти муҳоҷират ва иқтисодиёт бахшида шудааст, аз ҷумла: Н. Ю. Блиничкина, В. Н. Назаров, Ю. Б. Круглова, О. В. Мисякова, Г. Г. Попов, А.А.Матвеев, А.В.Степанов, Н.А.Ткачева, Т.В. Лузина ва ғ.

Дар байни олимони муосири ватанӣ, ки асарҳояшон ба ҷанбаҳои гуногуни соҳаҳои ба ҳам алоқаманди муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ бахшида шудаанд ва саҳми баланди арзиши илмӣ-амалӣ доранд, шахсиятҳои зеринро қайд кардан лозим аст: Р.К. Раҳимов, С.И. Исломов, Л.Ҳ. Саидмуродзода, Қ.Х. Хушвахтзода, З.С. Султонов, Х.У. Умаров, Р.У. Улмасов, Д.О. Қандиёрова, Н.Х. Хоналиев, Т.Ҷ. Усмонова, А.Ҷ. Азимов, Ш.М. Раҳимзода, А.Б. Мирсаидов, Ш.Б. Ҷонмамадов, Д.С. Амонова, А.Рауфӣ, Д.Б. Қодирзода, А.Ш. Қурбонов, А.Г. Хаджибаев, Б.М. Шарипов, А.Қ. Комилзода, С.М. Ғоибназарзода, С.Б. Ашуров, Ш.У. Гаибназаров, Р.М. Бабаджанов, М.Ш. Маҳмадбекзода, А.И. Субҳонов ва дигарон.

Ҳамзамон, мавзӯи таҳқиқшавандаи такмили низоми идоракунӣ ва таъмини амнияти муҳоҷират барои

Ҷумҳурии Тоҷикистон нав буда, амалан омӯхта нашудааст. Новобаста аз ин, аввалин корҳои илмии олимони ватанӣ Р.У. Улмасов, А. Ҷ. Азимов, А.Қ. Комилзода, С.М. Ғоибназарзода, Ш.У. Гаибназаров ва муаллифи ин кори диссертатсионӣ мавҷуданд, ки барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ дар сатҳи миллӣ замина фароҳам меоранд. Инчунин, бо назардошти он, ки амнияти муҳоҷират ба сохтори умумии амнияти миллӣ дохил мешавад ва бо амнияти иҷтимоию иқтисодӣ ва рушди кишвару минтақаҳо вобастагӣ дорад, бисёр олимони маъруфи ватанӣ асарҳои худро ба омӯзиши масъалаҳои мазкури иқтисодӣ бахшидаанд, аз ҷумла: Р.К. Раҳимов, Л.Ҳ. Саидмуродзода, Қ.Х. Хушвахтзода, А.Б. Мирсаидов, Т.Ҷ. Усмонова, Д.Б. Қодирзода, М.Т. Каримова, Б.М. Шарипов ва дигарон.

Ҳамаи олимони дар боло номбаршуда дар рушди асосҳои назариявии илми иқтисоди кишвар ва ҳалли мушкилоти муҳоҷират саҳми назаррас гузоштанд. Қисми асосии тадқиқот масъалаҳои қонунияти ҷараёни муҳоҷират ва сохтору амнияти он, сабабҳо ва тамоюли муҳоҷирати аҳолӣ, таҳлили қонунгузории миллӣ, диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатӣ, ҷалби муҳоҷирон ва диаспораҳо дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, рушди институти муҳоҷират ва ғайраҳоро дар бар мегирад. Зарурати таҳияи ҷанбаҳои назариявӣ-методологии такмили системаи идоракунӣ ва таъмини амнияти муҳоҷират дар шароити муосири ҷаҳонишавии муҳоҷирати байналхалқии аҳолӣ интихоби мавзӯъ, мундариҷа, мақсад ва вазифаҳои кори диссертатсиониро муайян кард.

**Алоқамандии тадқиқот бо барномаҳои илмӣ (лоиҳаҳо), мавзӯъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Консепсияи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа,

Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, инчунин лоиҳаи илмӣ-таҳқиқотии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ дар мавзӯи "Нақши диаспораҳо ва муҳоҷирон дар сармоягузории рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон" иҷро карда шудааст.

## Тавсифи умумии тадқиқот

**Мақсади тадқиқот**. Мақсади тадқиқоти диссертатсионӣ омузиши асосҳои назариявӣ-методологии такмили низоми идоракунӣ ва воситаҳои таъмини амнияти муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо коркарди хулосаю пешниҳодҳои мувофиқ мебошад.

**Вазифаҳои тадқиқот инҳоянд:**

- омузиши асосҳои назариявӣ-методологии такмили низоми идоракунӣ ва воситаҳои таъмини амнияти муҳоҷират бо асоснок кардани мафҳуми илмии "такмили низоми идоракунии муҳоҷират", "амнияти муҳоҷират" ва таҳияи модели мувофиқи тақлидӣ;
- муайян кардани қонуниятҳо ва шартҳои ҳуқуқии равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, намудҳои он ва дар асоси омӯзиши таҷрибаи байналхалқӣ, муқаррар намудани унсурҳои муҳимтарини такмили низоми идоракунӣ ва таъмини амнияти муҳоҷират;
- асоснок намудани ҷаҳонишавии равандҳои муҳоҷират дар ҷаҳон ва таъсири он ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти пешгӯиҳо то соли 2040 ва ошкор кардани мушкилоти диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатии беруна барои таъмини амнияти муҳоҷирони меҳнатӣ-шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- гузаронидани таҳлили қонунгузории амалкунандаи миллӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва муайян кардани афзалиятҳои амнияти муҳоҷират;

- асоснок кардани иқтидори муҳоҷирати меҳнатӣ оид ба татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти васеъ намудани шуғли пурмаҳсули аҳолӣ;

- арзёбии вазъи муосир оид ба бозгашти оммавии (депортатсияи) муҳоҷирони меҳнатӣ ва муайян кардани нақш ва аҳамияти давлат марбут ба ҳамгироии дубора ба ҷомеа ва таъмини амнияти муҳоҷират;

- омӯзиши дурнамои ҳамкорӣ бо кишварҳои ИИАО оид ба ҳамгироии иҷтимоӣ ва муайян намудани мушкилоти кори бесамари агентиҳои хусусии шуғл оид ба ҷалби муташаккил ва сафарбар кардани муҳоҷирони меҳнатӣ бо мақсади таъмини амнияти муҳоҷират;

- арзёбии сатҳи ҳамкории давлат бо диаспораҳои тоҷик ва ҳамватанони хориҷӣ оиди барпо кардани шарикӣ бо мақсади рушди ватан, такмили низоми идоракунии равандҳои муҳоҷират ва таъмини амнияти муҳоҷират;

**Объекти тадқиқот** вазъи муосири равандҳои рухдодаи муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Мавзӯи тадқиқот** муносибатҳои ташкилию иқтисодӣ дар самти муҳоҷирати аҳолӣ мебошад, ки ба такмили системаи идоракунӣ ва таъмини амнияти муҳоҷират мусоидат мекунанд.

**Фарзияи тадқиқот.** Татбиқи вазифаҳо оид ба такмили низоми идоракунӣ ва таъмини амнияти муҳоҷират имкон медиҳад, ки омилҳои манфии равандҳои муҳоҷират камтар гардида паҳлӯҳои мусбати он зиёд шаванд. Бо ин роҳ, иқтидори номаҳдуди самти муҳоҷиратро ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ ва инноватсионии мамлакат равона сохтан мумкин аст.

**Асосҳои назариявии тадқиқотро** асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи муҳоҷират, Паёмҳои ҳарсола ва фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашри китобҳо ва маҷаллаҳои ташкилотҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ,

байналхалқӣ, нашрияҳои шахсӣ, маводи конфронсҳо ва форумҳои байналмилалӣ дар соҳаи муҳоҷират ташкил медиҳанд, ки дар онҳо масъалаҳои такмили низоми идоракунӣ ва воситаҳои таъмини амнияти муҳоҷират баррасӣ гардидаанд.

**Манбаи маълумот:** Дар рафти тадқиқоти диссертатсионӣ асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ дар соҳаи муҳоҷират, маълумоти расмии оморӣ ва маводи зарурии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Вазорати корҳои хориҷӣ, хадамоти Муҳоҷират, бонки Миллӣ, Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Байналмилалии Муҳоҷират, Бонки Ҷаҳонӣ, маводи пурсишҳои сотсиологӣ, мақолаҳо ва нашрияҳои шахсӣ истифода шуданд. Дар рафти тадқиқот санадҳои қонунгузорӣ ва меъерии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои меъерии ҳуқуқии байналмилалӣ, маводи таҳлилӣ ва баррасии таҳқиқоти ватанӣ ва хориҷӣ, маълумоти алтернативӣ ва ғайра васеъ истифода шуданд.

**Базаи тадқиқотӣ:** Кори диссертатсионӣ дар давраи солҳои 2012-2024 дар базаи шуъбаи тадқиқотҳои демографии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Навоварии илмии кори диссертатсионӣ** аз рушди назарияи муҳоҷирати аҳолӣ, аз ҷумла таҳияи муқарраротиназариявӣ-методологӣ оид ба такмили механизми идоракунӣ ва таъмини амнияти муҳоҷират ҳамчун системаи муосири танзими давлатии равандҳои муҳоҷират ва татбиқи сиёсати самараноки муҳоҷират бо мақсади рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар иборат аст.

**Натиҷаҳои муҳимтарини илмии ба даст овардашуда, ки аз тарафи муаллиф барои ҳимоя пешниҳод шудаанд:**

1. Дар асоси омузиши назарияи равандҳои муҳоҷирати амалишаванда, дар рушди умумии назарияи муҳоҷирати аҳолӣ саҳм гузошта шуд ва маҷмуи ҷанбаҳои

назариявию методологӣ оид ба рушди ҳамкориҳои мувофиқашуда байни мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ бо мақсади такмили низоми идоракунӣ ва таъмини амнияти муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуданд. Дар рушди назарияи муҳоҷирати байналхалқии қувваи корӣ мундариҷаи моҳияти илмии «такмили системаи идоракунии муҳоҷират» ва «амнияти муҳоҷират» маълум ва асоснок карда шуд. Воситаҳои асосии таъмини амнияти муҳоҷират муайян гардиданд; сохтори категорияҳои амнияти миллӣ таҳия шуд; таснифи таҳдидҳои амнияти муҳоҷират бо эҳтимолияти арзёбии ҳадди ақал ва зерсохтори идоракунии равандҳои муҳоҷират муайян карда шуданд. Модели мувофиқи тақлидӣ ва сохтори пешниҳодшудаи мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба масъалаҳои муҳоҷрат таҳия карда шуд.

2. Бори аввал дар адабиёти ватанӣ дар доираи мукаммали тадқиқоти диссертатсионӣ қонуниятҳои ҳуқуқӣ ва табиии равандҳои муҳоҷират, сохтори умумии муҳоҷирати аҳолӣ ва намудҳои он, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал меоянд, омухта ва муайян шуданд. Дар мисоли давлатҳои муваффақ дар самти муҳоҷират унсурҳои муҳим оид ба такмили низоми идоракунӣ ва таъмини амнияти муҳоҷират омухта шуданд, аз ҷумла татбиқи сиёсати самараноки муҳоҷират, такмили қонунгузорӣ, рушди ҳамкориҳои байнидавлатию байниидоравӣ ва ғайраҳо. ки имконият медиҳад иқтидори беандозаи самти муҳоҷират барои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва инноватсионии давлат истифода бурда шавад.

3. Асоснок гардид, ки муҳоҷирати байналхалқии аҳолӣ хусусияти глобалӣ пайдо кардааст ва Тоҷикистон низ мисли дигар кишварҳои ҷаҳон ба ин раванд шомил аст. Пешгуиҳо оид ба афзоиши шумораи муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон то давраи соли 2040 ба микдори 1-

1,2 миллион нафар манзур гардид, дар ҳолате, ки агар вазъи бозори меҳнати дохили кишвар беҳтар нагардад. Нишон дода шуд, ки афзоиши ҳаҷми интиқоли пул ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муҳоҷират аз 146 миллион [7] доллари ИМА дар соли 2003 то 5,2 млрд. доллари ИМА дар соли 2022 [17] афзоиш ёфт ва ин нақши муҳими соҳаи муҳоҷиратро дар баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва рушди устувори давлат исбот мекунад. Мушкилиҳои асосии диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатии беруна ошкор карда шуданд, ки ба рақобатнопазирии давлатҳои интиқоли қувваи корӣ дар бозори меҳнати байналхалқӣ, омода набудани қисми зиёди муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон барои фаъолияти корӣ дар хориҷа, ҳамкориҳои нокифоя дар сатҳи байналхалқӣ ва байниидоравӣ оид ба масъалаҳои муҳоҷират, ва ғайраҳо, ки ҳалли он амнияти муҳоҷирони меҳнатӣ – шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамояд.

4. Бори аввал дар доираи кори диссертатсионӣ таҳлили мураккаб ва пайваста бо воқеияти замони ҳозираи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ гузаронида шуд. Ошкор гардид, ки қисми зиёди меъёрҳои қонунгузорӣ ва Консепсияи сиёсати давлатии муҳоҷирати кишвар, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, дар амал татбиқ намегардад ва дар контексти таъмини амнияти муҳоҷират ба такмил ниёз дорад, ки дар сиёсати бисёр давлатҳои интиқол ва қабули муҳоҷирон самти афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Дар диссертатсия зарурати қабули қонунгузории нав ва Консепсияҳо дар самти муҳоҷирати меҳнатии беруна асоснок карда шудааст.

5. Исбот шуд, ки муҳоҷирати меҳнатӣ дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи тавсеаи шуғли пурмаҳсули аҳолӣ иқтидори калон дорад. Дар диссертатсия пешниҳод шудааст, ки меъёрҳои Консепсияи рушди пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳури Тоҷикистон то давраи соли 2040 дар

соҳаи ташаккули механизми комплексии идоракунии муҳоҷирати меҳнатӣ васеъ карда шаванд; хулоса карда шуд, ки масъалаҳои таъмини шуғли пурмаҳсул дар дохили кишвар тавассути ташаккули механизми истифодабарии даромад ва сармояҳои муҳоҷирон барои татбиқи вазифаҳои васеъ намудани шуғли пурмаҳсули аҳолӣ, дар минтақаҳои кишвар таъсис додани ҷойҳои кории арзанда ва фазои мусоиди сармоягузорӣ аз ҷониби ҳамаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муҳим мебошад.

6. Сабабҳои асосии бозгашти оммавии (депортатсияи) муҳоҷирони меҳнатӣ аз Русия, ки бо вайрон кардани қонунгузории муҳоҷират ва ғайриқонунӣ будубош доштани шаҳрвандони Тоҷикистон дар ҳудуди ин кишвар алоқаманд аст, ошкор карда шуданд. Дар тадқиқот қайд карда шудааст, ки чунин вазъият ба амнияти муҳоҷират хатар меорад ва ҳолати муҳоҷирон дар қисмати табъиз ва поймол кардани ҳуқуқи инсон мушкил мегардад. Нишон дода шудааст, ки дар ҳалли масъалаи мазкур нақшу аҳамияти мақомоти давлатӣ муҳим аст ва вобаста ба ин, зарурати рушди ҳамкориҳо ва дар асоси ҳуқуқӣ ҷорӣ кардани «механизми равонасозии муҳоҷирон», яъне татбиқи комплексии хизматрасони давлатӣ оид ба ҳамгироии муҳоҷирони баргашта ба ҷамъият, айни муддао мебошад. Дар кори диссертатсионӣ ташкил кардани модели самараноки шарикии хусусию давлатӣ дар асоси «Системаи 1+1», ки дар он давлат ва муҳоҷирон ба таври баробар барои рушди тиҷорати хурду миёна маблағ мегузоранд, пешниҳод гардид. Бо мақсади таъмини амнияти муҳоҷират пешниҳод мегардад, ки муҳоҷирони аз Русия рондашуда дар кишварҳои Аврупо бо кор таъмин карда шаванд.

7. Асоснок карда шуд, ки ҳамкорӣ бо ИИАО оид ба ҳамгироии иҷтимоӣ ва таъмини амнияти муҳоҷирон ва аъзои оилаи онҳо афзалиятнок мебошад ва дар оянда

самти мазкурро рушд додан зарур аст. Дар диссертатсия нишон дода шуд, ки зиёда аз 95%-и муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон тайи даҳсолаҳои охир ҳар сол бо мақсади фаъолияти корӣ ба Русия сафар мекунанд ва дигарон дар дигар кишварҳои ИИАО ва давлатҳои хориҷи дур. Қисми муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон дар Русия дар ҳолати ғайриқонунӣ қарор доранд ва ба ҳолати соли 2021 шумораи онҳо 247 ҳазор нафарро ташкил мекард [21]. Набудани дигаргуниҳои аниқ дар ин самт тайи солҳои охир нишон медиҳад, ки сатҳи ҳамкориҳои байнидавлатӣ доир ба масъалаҳои танзими равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ нокифоя мебошанд, ки ин гуна вазъият механизми ҳамгироии иҷтимоии муҳоҷиронро дар ҳудуди Федератсияи Русия мушкил мегардонад. Аз ин хотир, дар кор муҳимияти пурзур намудани ҳамкориҳои ҷумҳурӣ бо кишварҳои ИИАО қайд карда шудааст, ки он ҷиҳати таъмини амнияти муҳоҷират муҳим ба ҳисоб меравад.

Бори аввал дар адабиёти ватанӣ масъалаҳои фаъолияти агентиҳои хусусии шуғл (АХШ) аз давраи таъсисёбии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шуданд ва сабабҳои фаъолияти бесамари онҳо ошкор карда шуданд. Дар диссертатсия қайд мешавад, ки фаъолияти АХШ аз соли 2001 дар ҷумҳурӣ оғоз ёфт, аммо дар тӯли зиёда аз ду даҳсола кори онҳо беҳтар нагардид ва шумораи муҳоҷирони меҳнатии тавассути АХШ фиристодашуда камтар аз 1%-ро ташкил медиҳад. Дар тадқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуд, ки ба Тоҷикистон бо мақсади татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба муташаккилона сафарбар кардани муҳоҷирони меҳнатӣ ба хориҷа, тибқи қонунгузорӣ вазифаҳои АХШ ва мақомотҳои дахлдори ҳокимияти давлатиро муайян кардан лозим аст. Ин шарикии давлатию хусусиро дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ тақвият мебахшад; сатҳи омодагии касбӣ ва донистани забонҳои хориҷиро дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ баланд мегардонад;

фаъолияти комиссияи иҷозатномадиҳӣ ва назоратро оиди бо кор таъмин кардани муҳоҷирон дар хориҷа беҳтар менамояд; барои ҳамкориҳои АХШ бо Сафоратхонаҳо ва Намояндагиҳои Тоҷикистон дар хориҷа мусоидат менамояд; ҳамкориҳои мутақобиларо бо кордиҳандагони хориҷӣ оид ба қабули муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон мустаҳкам месозад ва барои онҳо шароити хуби корӣ фароҳам меорад ва ғайра. Дар тадқиқоти диссертатсионӣ хулоса карда шуд, ки ҳалли масъалаҳои мазкур фаъолияти босамари АХШ-ро ҷиҳати сафарбаршавии муташаккилона таъмин мекунад ва дараҷаи амнияти муҳоҷиронро баланд месозад.

8. Дар доираи тадқиқоти диссертатсионӣ бори аввал сатҳи ҳамкории ҳукумат бо диаспораҳои тоҷик ва ҳамватанони бурунмарзӣ арзёбӣ карда шуд. Муқаррар карда шуд, ки мустаҳкам кардани ҳамкории давлат ва диаспораҳои хориҷӣ метавонад самти муҳими сиёсати хориҷии давлат дар самти таъмини амнияти муҳоҷират бошад. Пешниҳод шуд, ки меъёрҳои «Консепсия оид ба ҷалби ҳамватанони бурунмарзӣ ҳамчун шарикони рушди кишвар», ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, илова карда шаванд. Дар он самти механизми ҳамкории байниидоравӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда, масъалаҳои ҷорӣ кардани усулҳои ҳавасмандӣ барои устувор намудани ҳамкорӣ бо диаспораҳо ҳамчун шарикони рушд ва ҷалби онҳо барои такмили низоми идоракунӣ ва таъмини амнияти муҳоҷират, ба назар гирифта шуданд.

**Муқаррароти асосӣ, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

- асосҳои назариявӣ-методологии такмили низоми идоракунӣ ва воситаҳои таъмини амнияти муҳоҷират омухта шуданд, мундариҷаи мафҳуми илмии "такмили низоми идоракунии муҳоҷират" ва "амнияти муҳоҷират"

бо муайян намудани воситаҳои асосии таъмини амнияти муҳоҷират, таҳияи сохтори категорияҳои амнияти миллӣ ва ташкили таснифи таҳдидҳои амнияти муҳоҷират бо дарназардошти эҳтимолияти ҳадди ақал, асоснок карда шуданд; модели мувофиқшудаи тақлидӣ таҳия гардид;

- қонуниятҳои ҳуқуқӣ ва табиии равандҳои муҳоҷирати рухдода дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз панҷ намуди муҳоҷират иборат буда, қонунияти ҳуқуқӣ доранд ва як қатор намудҳои дигари муҳоҷират, ки дар асоси қонунияти табиӣ амалӣ карда мешаванд, муайян гардиданд; бо назардошти таҷрибаи байналхалқӣ элементҳои муҳимтарин оид ба таъмини амнияти муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷа ва татбиқи сиёсати самараноки муҳоҷират муайян карда шуданд, ки онҳо ҷиҳати ҷалби иқтидори беандозаи самти муҳоҷират дар рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва инноватсионии мамлакат мусоидат менамоянд;

- дараҷаи ҷаҳонишавии муҳоҷирати байналмилалии аҳолӣ дар миқеси ҷаҳон ва дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти пешгӯии ҷараени муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ барои давраи то соли 2040 асоснок карда шуданд; мушкилоти диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатии беруна ва дурнамои ворид шудан ба бозорҳои нави меҳнати Давлатҳои Аврупой, ШМА, Канада, Кореяи Ҷанубӣ, Ҷопон ва ғайра бо мақсади таъмини амнияти муҳоҷирати муҳоҷирони меҳнатӣ-шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ошкор карда шуданд;

- таҳлили қонунгузории амалкунандаи миллӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ бо муайян намудани афзалиятҳои амнияти муҳоҷират ва такмили низоми идоракунии равандҳои муҳоҷират тавассути қабули Қонунҳо, Консепсияҳо ва дигар санадҳои меъерии ҳуқуқӣ, гузаронида шуд;

- нақш ва иқтидори муҳоҷирати меҳнатӣ оид ба татбиқи сиесати давлатӣ дар самти васеъ кардани шуғли пурмаҳсули аҳолӣ, асоснок карда шуд;

- арзебии вазъи муосир оид ба бозгашти оммавии (депортатсияи) муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон бо нишон додани нақш ва аҳамияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ оид ба реинтегратсия ба ҷомеа ва таъмини амнияти муҳоҷирати муҳоҷирони меҳнатии баргашта ва аъзои оилаҳои онҳо, гузаронида шуд;

- дурнамои ҳамкории Тоҷикистон бо ИИАО оид ба ҳамгироии иҷтимоӣ ва таъмини амнияти муҳоҷирати муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаҳои онҳо нишон дода шуда, рушди ҳамкориҳои байнидавлатӣ бо кишварҳои ИИАО ва ҳамзамон мақсаднокии ҳамкорӣ дар масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳамгироии иҷтимоии муҳоҷирон бо дигар кишварҳои хориҷи дур, асоснок карда шуданд; мушкилоти фаъолияти нисбатан бесамари ЧАЗ ошкор шуданд ва тавсияҳо оид ба фаъолгардонии кори ЧАЗ бо татбиқи сиесати давлатии муҳоҷират ҷиҳати ҷалби муташаккилона ва амнияти муҳоҷирати муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷа, пешниҳод гардиданд;

- арзебии сатҳи ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатии Тоҷикистон бо диаспораҳои тоҷик ва ҳамватанони бурунмарзӣ оид ба ташкили шарикӣ бо мақсади рушди иҷтимоию иқтисодии ватан, такмили низоми идоракунии равандҳои муҳоҷират ва таъмини амнияти муҳоҷират, гузаронида шуд;

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии кор** аз рушди минбаъдаи назарияи такмили низоми идоракунии равандҳои муҳоҷират ва таъмини амнияти муҳоҷират, танзими давлатии муҳоҷирати аҳолӣ, татбиқи сиёсати самараноки муҳоҷират, рушди ҳамкориҳои байниидоравӣ ва давлатӣ-хусусӣ, диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ва дигар масъалаҳо иборат аст, ки онҳо

заминаи равона кардани иқтидори муҳоҷиратро дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ба амал меоранд. Натиҷаҳои гирифташуда мумкин аст аз ҷониби олимону коршиносон бо мақсади рушди минбаъдаи назария ва амалияи низоми идоракунии муҳоҷирати меҳнатӣ ва татбиқи сиёсати самараноки муҳоҷират, мавриди муҳокима қарор гиранд. Натиҷаҳои тадқиқот дар рушди институти муҳоҷират ва ҳалли мушкилот дар самти мазкур, аз ҷумла, барои ташкили сохтори калидии давлатӣ оид ба муҳоҷират бо мақсади татбиқи сиёсати натиҷабахш дар ин самт, ҳамоҳангсозии фаъолияти вазорату идораҳо ва идоракунии давлатии равандҳои муҳоҷират, саҳм мегузоранд.

Аҳамияти амалии кор. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур оид ба такмили низоми идоракунӣ ва таъмини амнияти муҳоҷират метавонанд дар таҳияи қонунҳои миллӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи муҳоҷират, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳо дар фаъолияти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар вазорату идораҳои манфиатдори ҷумҳурӣ, Хадамоти муҳоҷират, Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ истифода шаванд. Муқаррароти алоҳидаи кори диссертатсионӣ мумкин аст дар хондани курсҳои назарияи иқтисодӣ ва демографии донишгоҳҳо ва муассисаҳои таҳсилоти миёна, муассисаҳои системаи таҳсилоти касбӣ-техникӣ истифода шаванд.

Маводҳои тадқиқотӣ инчунин метавонанд дар тайёр кардани кадрҳои роҳбарикунанда ва мутахассисони соҳаи муҳоҷират бо ҷорӣ намудани раванди таълим дар курсҳои "Асосҳои назариявӣ-методологии омӯзиши мушкилоти муҳоҷирати аҳолӣ", "Идоракунии давлатии равандҳои муҳоҷират", "Муҳоҷират ва иқтидори он дар рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва инноватсионии давлатҳо" ва ғайра истифода шаванд.

Хусусияти рисолаи пешниҳодшуда дар он аст, ки бори аввал дар таҷрибаи байналхалқӣ дар доираи як таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамаи намудҳои муҳоҷирати аҳолӣ, ки дар давлати мушаххас тибқи қонуниятҳои ҳуқуқӣ ва табиӣ рух медиҳанд, омӯхта мешаванд. Ин рисола метавонад як навъ таҳқиқоти хронологӣ бошад, ки дар он маълумоти расмии оморӣ ва маводи бойгонӣ дар бораи ҳамаи намудҳои муҳоҷирати аҳолӣ аз оғози давраи истиқлолияти давлатии Тоҷикистон то соли 2022 оварда шудааст, ки қаблан низ гузаронида нашуда буд. Дар омори расмӣ маълумоти ду соли охир нисбати қонунияти ҳуқуқӣ ва табиии муҳоҷирати аҳолӣ мавҷуд нест, ки он дар кори диссертатсионӣ баррасӣ мегардад ва бо ин сабаб мо имконият пайдо накардем, ки масъалаи мазкур муфассалтар мавриди омузиш қарор дода шавад.

**Дурустии натиҷаҳои таҳқиқот** бо эътимоднокии маълумот, микдори кофии маводи таҳқиқот, ҷамъоварӣ, сохтор, коркард ва таҳлили захираҳои иттилоотӣ дар соҳаи муҳоҷират, истифодаи воситаҳои муосири технологияҳои иттилоотӣ, нашри натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷаллаҳои илмии байналмилалӣ ва ватанӣ, нашри монографияҳои шахсӣ ва коллективӣ, дастурҳои таълимӣ тасдиқ карда мешавад. Хулосаҳо ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои тадқиқоти назариявӣ ва эмпирикӣ асос ёфтаанд.

**Диссертатсия ба талаботи** Шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи самти илмӣ 08.00.06.01 – Амнияти иқтисодӣ мувофиқат мекунад: бандҳои 12.1. Назарияи амнияти иқтисодӣ (категория, методология, усулҳо, механизмҳо ва асбобҳо); 12.7. Таснифи таҳдидҳои амнияти иқтисодӣ аз рӯи соҳаҳои иқтисодиет (истеҳсолӣ, иҷтимоӣ, молиявӣ, савдои хориҷӣ, ҳарбӣ-саноатӣ ва ғайра); 12.17. Ҷанбаҳои иҷтимоию иқтисодии амнияти иқтисодӣ (назария, методология ва

амалия); 12.19. Манфиатҳои миллии кишвар дар соҳаи иқтисод ва баҳисобгирии онҳо ҳангоми ташаккули сиесати иқтисодии давлат ва таҳияи пешгӯиҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ; 12.20. Вазифаҳои давлат оид ба ҳимояи манфиатҳои миллии кишвар дар соҳаи иқтисод дар шароити бозор; 12.21. Рушди методологияи таҳияи таълимоти амнияти иқтисодӣ дар соҳаҳои алоҳида (озуқаворӣ, энергетикӣ, ҳарбӣ-саноатӣ ва ғайра); 12.23. Мушкилоти ҳамгироии Тоҷикистон ба иқтисоди ҷаҳонӣ ва амнияти иқтисодии он мувофиқ аст.

**Саҳми шахсии довталаб.** Сохтори тадқиқоти диссертатсионӣ, асоснокии мубрамияти мавзуъ бо мақсад ва вазифаҳои он, таҳияи навгониҳои илмӣ, пешбурда корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, гузаронидани пурсишҳои сотсиологӣ ва натиҷагирӣ аз он, ҷамъоварӣ ва коркарди маводҳо, таҳлил ва системасозии маърумот дар тамоми марҳилаҳои тадқиқот, таҳияи тавсияҳои амалии тадқиқоти илмии гузаронидашуда бо назардошти такмили сиёсати давлатии муҳоҷират, ки аз нашрияҳои асосии муаллиф бармеоянд, саҳми шахсии унвонҷӯйро дар ҳимояи натиҷаҳои тадқиқот оид ба такмили низоми идоракунии равандҳои муҳоҷират ва таъмини амнияти муҳоҷирон, ҷамъият ва давлат, ифода менамоянд.

**Озмоиш ва татбиқи натиҷаҳои тадқиқот.** Натиҷаҳои тадқиқот дар давраи солҳои 2012-2024 дар 11 конфронсҳои илмию амалӣ, семинарҳои назариявӣ ва мизҳои мудаввари Институти иқтисодиет ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, донишгоҳҳои пешрафтаи кишвар, Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар конфронсҳо ва

форумҳои байналхалқӣ дар Русия (Москва, Санкт-Петербург, Курск), Арманистон (Ереван), Қазоқистон (Остона, Алмаато), Қирғизистон (Бишкек), Узбекистон (Ташкент), Швейтсария (Женева), Ҳиндустон (Деҳлӣ), Филиппин (Манила) ва ғайраҳо пешниҳод шуданд.

Маводҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо даъвати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Намояндагии созмони Байналхалқии муҳоҷират дар Тоҷикистон дар таҳияи лоиҳаи Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 истифода шуданд, ки он аз тарафи муаллифи диссертатсия солҳои 2020-2021 омода шуд ва баъдан бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2023, таҳти № 309 тасдиқ гардид.

Муқаррароти алоҳидаи натиҷаҳои таҳқиқот аз ҷониби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти Муҳоҷирати Тоҷикистон, Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагии ташкилоти Байналмилалии муҳоҷират дар Тоҷикистон, МД "Институти илмӣ-тадқиқотии меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ" татбиқ шуданд, ки бо акт (санад)-и татбиқ тасдиқ гардидаанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия**. Дар мавзӯи тадқиқоти диссертатсионӣ зиёда аз 50 кори илмӣ бо ҳаҷми умумии матни муаллифӣ дар 78,46 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 35 мақолаи илмӣ, ки дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия тавсия дода шудаанд, нашр гардид. Нуқтаҳои асосии ҳимояшаванда ва натиҷаҳои тадқиқоти диссертатситонӣ дар 3 монографияи муаллифӣ бо ҳаҷми умумии 63,3 ҷ.ч. нашр шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** мантиқи таҳқиқоти иҷрошударо инъикос мекунад. Кор аз муқаддима, панҷ боб, хотима, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати библиографӣ, замимаҳо иборат аст. Кор дар 380 саҳифаи матни компютерӣ оварда шудааст, 29 ҷадвал ва 24 расм дорад.

## II. ҚИСМИ АСОСИИ ТАДҚИҚОТ

**Дар муқаддима** аҳамияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ, ҳадаф ва вазифаҳои он асоснок карда шуда, асосҳои назариявии таҳқиқоти мазкур баррасӣ гардида, навгониҳои илмӣ ва муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшуда асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзӯи тадқиқот, аҳамияти амалӣ ва нашри натиҷаҳои кори диссертатсионӣ қайд карда шудааст. Объект, мавзӯъ ва усулҳои тадқиқот муайян карда шудаанд.

**Дар боби якум - "Ҷанбаҳои назариявӣ-методологии тадқиқи масъалаҳои такмили низоми идоракунӣ ва воситаҳои таъмини амнияти муҳоҷират"** асосҳои консептуалии муҳоҷирати аҳолӣ дар ҷараёни такмили системаи идоракунӣ ва воситаҳои таъмини амнияти муҳоҷират; мундариҷа, вазифаҳо ва зерсистемаи идоракунии муҳоҷирати меҳнатӣ ҳамчун механизми амнияти муҳоҷират; сабабҳои асосӣ ва тамоюлҳои муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолияти давлатӣ; такмили низоми идоракунӣ; инчунин қонуниятҳои ҳуқуқӣ ва табиии равандҳои муҳоҷират ва намудҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадқиқ карда шуданд.

Мушкилоти муҳоҷират дар даҳсолаҳои охир бо назардошти ҷаҳонишавии равандҳои он, дар сатҳи байналмилалӣ ба яке аз масъалаҳои мубрам ва муҳокимашаванда табдил ефтааст. Аз ин рӯ, сиёсатмадорон ва коршиносон мураккабии идоракунии муҳоҷиратро эътироф мекунанд ва олимони ҳам ватанӣ ва ҳам хориҷӣ қайд мекунанд, ки дар фаҳмидани моҳияти он

ягонагӣ мавҷуд нест ва барои омӯзиши он ягон равиш вуҷуд надорад.

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки барои ҷорӣ кардани системаи идоракунии муҳоҷират, ҳалли маҷмуи масъалаҳо дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва глобалӣ зарур мебошад. Он аз интихоби сиёсати самаранок, такмили қонунгузорӣ ва танзими маъмурии муҳоҷират вобастагӣ дорад [23, с. 12]. Олимон ва таҷрибадорон мушкилоти муҳоҷиратро дар сохтори умумии он бештар баррасӣ мекунанд ва ин мумкин дуруст ҳисобида шавад, гарчанде ҳамеша намуди муҳоҷирати меҳнатӣ дар байни дигар намудҳои муҳоҷирати аҳолӣ афзалият дошт.

Бо таваҷҷуҳи махсус ба масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ бояд қайд кард, ки дар сохтори он се ҷараён дар асоси қонуниятҳои равандҳои муҳоҷирати рухдода ҷудо карда мешаванд: 1) рафти муҳоҷирон ё вуруди муҳоҷирони меҳнатии хориҷӣ; 2) муҳоҷиршавӣ ё хуруҷи шаҳрвандони маҳаллӣ ба хориҷа бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ; 3) муҳоҷирати меҳнатии дохилии шаҳрвандони маҳаллӣ. Аз се ҷараёни муҳоҷирати меҳнатии дар боло зикршуда, ҷараени 2-юм барои Тоҷикистон муҳимтар ва васеътар аст.

Дар айни замон, соҳаи муҳоҷират душвориҳоеро аз сар мегузаронад, ки солҳо бо сабаби тағйир ефтани сиесати муҳоҷират ҳалли худро намеебанд; нокомилии қонунгузории миллӣ; институти нокифояи муҳоҷират; механизми заифи идоракунии равандҳои муҳоҷират; набудани роҳбарии мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба масъалаҳои муҳоҷират; ҳамкории бесамари байниидоравӣ ва байнидавлатӣ; дараҷаи нокифояи эътимоди тарафайн бо диаспораҳо, муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳамватанони хориҷӣ барои ҷалби онҳо ба раванди рушди ватан; вазифаҳои татбиқнашуда оид ба дастгирии давлатии агентиҳои хусусии шуғл ва ҳалли мушкилоти

ҷалби мутташаккил; мушкилоти диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатии беруна; ҳамоҳангсозии нокифояи фаъолияти намояндагиҳои хориҷии вазоратҳои дахлдори ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷа, инчунин дигар масъалаҳои мавҷуда исбот мекунанд, ки бо мақсади ба танзим даровардани ҷараени муҳоҷират, кишвар бояд системаи идоракуниро такмил диҳад ва барои таъмини амнияти муҳоҷирати муҳоҷирон, ҷомеа ва давлат шароит фароҳам оварад.

Вобаста ба муҳимияти масъалаи идоракунии равандҳои муҳоҷират, таърифи муаллифии мафҳуми "такмили низоми идоракунии муҳоҷирати меҳнатӣ" дар шакли зерин асоснок карда мешавад: - ин системаи идоракунии давлатӣ бо рушди ҳамкориҳои байниидоравӣ ва байнидавлатии кишварҳои таъинот ва пайдоиши муҳоҷирон барои татбиқи сиёсати самараноки муҳоҷират ва идоракунии равандҳои муҳоҷират мебошад". Тоҷикистон барои ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ дар соҳаи муҳоҷират, бояд ба ин консепсия такя намояд.

Дар солҳои охир, далелҳои терроризм ва экстремизми байналмилалӣ афзоиш ёфтанд, ки дар он сиёсатмадорон бештар муҳоҷиронро айбдор мекунанд, гарчанде ки чунин ҷинояти бераҳмона алайҳи инсоният бо рушди равандҳои муҳоҷират ва худи муҳоҷирон, ки дар ҷустуҷӯи зиндагии беҳтар ва ҳамгироии бехатар дар ҷомеаи маҳаллӣ ба кишварҳои дигар муҳоҷират мекунанд, ҳеҷ иртиботе надорад. Бо вуҷуди ин, ҳукуматҳои кишварҳо барои таъмини амнияти давлати худ чораҳо меандешанд ва ин масъаларо бештар ба ҳузури муҳоҷирон таъкид мекунанд, ки дар робита ба ин дар адабиёти иқтисодӣ мафҳуми нав бо шарҳи васеъ қабул гардид, ки "амнияти муҳоҷират" аст. Агар мо мавқеи давлатҳоро оид ба таъмини амнияти кишвар ва аҳолии он арзебӣ кунем, пас ҳалли масъала аз он вобаста аст, ки чӣ гуна як кишвари алоҳида сиёсати

фасеҳ ва муассири муҳоҷиратро амалӣ мекунад ва то ҷӣ андоза тавонист системаи мукаммали идоракунии муҳоҷиратро эҷод кунад. Зеро, дар соҳаи муҳоҷират бисёр масъалаҳо бо ҳам алоқамананданд ва дар таъмини амнияти муҳоҷират муваффақтар кишваре хоҳад буд, ки воситаҳои муассирро барои коҳиш додани муҳоҷират ҷорӣ мекунад.




**Расми 1. Воситаҳои асосии таъмини амнияти муҳоҷират.**
**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Ба андешаи мо дар расми 1. воситаҳои асосии таъмини амнияти муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд, ки дар он воситаҳои ҳуқуқӣ имкон медиҳанд, ки қонунгузории муҳоҷират такмил дода шавад ва санадҳои меъерии дахлдор қабул карда шаванд; воситаҳои ташкилӣ дар татбиқи сиесати самараноки давлатии муҳоҷират, ҳаҷм ва самтҳои муҳоҷират дар шакли маҷмӯи муташаккил бо назардошти манфиатҳои миллӣ заруранд; воситаҳои иқтисодӣ дар фароҳам овардани шароит барои фаъолияти некӯаҳволии аҳолӣ ва рушди тамоми соҳаҳои иқтисодиет ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои гуногун бо

иштироки муҳоҷирон нақши муҳим мебозанд; воситаҳои иҷтимоӣ дар самти таълиму тарбияи муҳоҷирон, шуғли онҳо, шароити кору зиндагӣ, хизматрасонии тиббӣ, ҳалли маҷмӯи масъалаҳои дорои хусусияти иҷтимоӣ вобаста ба кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ барои аз даст додани саробон-муҳоҷири меҳнатӣ ва таъини нафақа ба муҳоҷирон барои маъюбӣ ва маъюбӣ заруранд; воситаҳои институтсионалӣ бо рушди институти муҳоҷират ва ҷалби ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор барои таъмини ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқии муҳоҷирон ва истифодаи иқтидори соҳаи муҳоҷират дар раванди рушди кишвар; воситаҳои маъмурӣ барои рушди ҳамкориҳои байнидавлатӣ ва байниидоравӣ бо таъсиси вазорати калидӣ ва қобили мубориза оид ба муҳоҷират ва диаспораҳо, то дар асл сиесати давлатии муҳоҷират амалӣ карда шавад ва амнияти муҳоҷирати муҳоҷирон ва аҳолии кишвар таъмин карда шавад.

Воситаҳои дар боло номбаршуда оид ба таъмини амнияти муҳоҷират дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баррасӣ шудаанд ва дар сурати татбиқи онҳо дар ҳамкорӣ бо кишварҳои шарик дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, мушкилоти амнияти муҳоҷират бештар ҳал мегарданд.

Барои бисёр давлатҳо мафҳуми "амнияти муҳоҷират" нав аст ва ин мафҳум ҳамчун зерсистемаи "амнияти ҷаҳонишавӣ" кам омӯхта шудааст. Аз ин рӯ, дар ҷараёни муайян кардани мафҳум ва моҳияти категорияи "амнияти муҳоҷират" нуқтаи назари олимон ва таҷрибадорон гуногун аст ва чунин вазъ набудани ақида ва равишҳои ягона барои муайян кардани тафсирҳои умумӣ ва мундариҷаи чунин категорияи муҳим дар солҳои охир дар соҳаи муҳоҷирати аҳолиро нишон медиҳад.

Ҳамзамон қайд кардан зарур аст, ки дар Тоҷикистон Стратегияи нави муҳоҷират қабул шудааст, ки дар банди 24-и он омадааст [5]: "Ҷумҳурии Тоҷикистон аз паҳншавӣ ва афзоиши категорияҳои муҳоҷирони дар хатар

қарордошта, пайдоиши интиқоли ғайрирасмии шаҳрвандон, хариду фурӯши одамон ва иштирок дар созмонҳои экстремистӣ-террористӣ истисно нест. Дар аксари ҳолатҳо, ҷавонони аз 18 то 29-сола, ки мушкилоти оилавӣ надоранд, вале ҷаҳонбинии танг, сатҳи пасти таҳсилоти умумӣ ва дониши динӣ доранд, дар бораи меъерҳо ва принсипҳои ахлоқии ҳает фикр намекунанд ва мехоҳанд дар муддати кӯтоҳ сарватманд шаванд, гурӯҳи осебпазиртарин ҳисобида мешаванд...." [5].

Инчунин, дар банди 2 Нақшаи амали Стратегия барои солҳои 2023-2025 чорабинӣ оид ба танзими равандҳои муҳоҷират ва таъмини амнияти муҳоҷират чунин инъикос ёфтааст: "Такмили қонунгузорӣ оид ба мубориза бо экстремизм ва терроризми байналмилалӣ, ҷиноятҳои фаромарзӣ, савдои занон ва ғайра" [5]. Ин равиш хоҳиши давлатро барои тақвияти мубориза бо ҷинояткории муташаккил дар сатҳи байналмилалӣ ва коҳиш додани хатарҳои муҳоҷират дар қаламрави кишварҳои таъинот ва пайдоиши муҳоҷирон тасдиқ мекунад. Аз ин рӯ, муаллиф мафҳуми категорияи "амнияти муҳоҷират" – ро дар шакли зерин муайян кардааст: "Амнияти муҳоҷират – ин маҷмӯи меъёрҳо ва институтҳои ҳуқуқӣ дар асоси ҳуқуқи байналмилалӣ ва миллӣ бо татбиқи сиёсати самараноки давлатии муҳоҷират мебошад, ки амнияти муҳоҷирон, ҷомеа ва давлатро таъмин мекунад".

Тавре ки қаблан қайд карда будем, амнияти муҳоҷират ба сохтори умумии амнияти миллӣ дохил мешавад ва ҳангоми татбиқи сиёсати самараноки давлатии муҳоҷират, соҳаи муҳоҷират то андозае метавонад ба суботи рушди кишвар мусоидат намуда, категорияҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, демографӣ, энергетикӣ, озуқаворӣ ва дигар категорияҳои амнияти давлатро таъмин намояд. Аз ин рӯ, мо сохтори эҳтимолии амнияти

миллиро тахия кардем, ки дар расми 2-и дар поён овардашуда инъикос ёфтааст.




**Расми 2. Сохтори категорияҳои амнияти миллӣ.**

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ тартиб дода шудааст

Барои таҳқиқи масъалаҳои такмили системаи идоракунии муҳоҷирати меҳнатии беруна, вазифаҳо ва зерсистемаҳои онро тасниф кардан лозим аст. Инчунин, омузиши таъсири он ба системаи умумии идоракунии муҳоҷират ва таъмини амният дар ин соҳа, зарур мебошад. Бо мақсади муайян кардани вазифаҳои муҳоҷирати меҳнатии беруна, бояд донист, ки то чӣ андоза онҳо аз вазифаи давлат дар ин соҳа вобастаанд, зеро онҳо бештар аз сиёсати интихобшудаи давлат

бармеоянд. Дар ҳолате, ки давлат вазифаҳои худро мақсаднок ва пайваста иҷро намуда, ҳадафҳо ва вазифаҳои мушаххаси идоракунии муҳоҷирати меҳнатиро амалӣ намояд, пас метавон гуфт, ки чунин давлат метавонад дар такмили низоми идоракунӣ ва таъмини амнияти муҳоҷират дар ҳамкорӣ бо кишварҳои қабули муҳоҷирон муваффақ гардад. Ҳамзамон, барои ҷорӣ кардани системаи идоракунии равандҳои муҳоҷират, масъалаи муайян кардани зерсистемаи он бо назардошти гузаронидани таснифи меъёрҳои он муҳим аст (расми 3)




**Расми 3. - Ба гурӯҳҳо ҷудо кардани зерсистемаи идоракунии равандҳои муҳоҷират.**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Тоҷикистон дар баробари дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ давлати интиқоли муҳоҷирон ба ҳисоб меравад. Муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа мавсимӣ буда, авҷи сафар ба давраи баҳору тобистон ва бозгашт ба давраи тирамоҳу зимистон рост меояд. Дар ин ҳолат, ҳар сол салдои манфии муҳоҷират аз 50 то 100 ҳазор нафар дида мешавад, ки маълумоти он дар расми 4 оварда шудааст.




**Расми 4. – Маълумот оиди рафтуомади муҳочирони меҳнатии Точикистон дар давраи солҳои 2012-2022** (нафар).

**Сарчашма:** [31]

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон панҷ намуди муҳоҷират амалӣ карда мешавад, ки қонунияти ҳуқуқӣ доранд, аз ҷумла: муҳоҷирати меҳнатии хориҷии шаҳрвандони Тоҷикистон; муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони хориҷӣ ба Тоҷикистон; муҳоҷирати экологӣ; муҳоҷирати дохилӣ (ихтиерӣ); муҳоҷирати гурезаҳои хориҷӣ ва шахсони паноҳҷӯянда ба Тоҷикистон, ки доир ба онҳо омори расмӣ гузаронида мешавад.




**Расми 5. – Сохтори умумии муҳоҷирати аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намудҳо ва қонуниятҳои он**

**Сарчашма:** Аз тарафи муаллиф коркард ва гуруҳбандӣ карда шудааст.

Дар расми 5 инчунин, намудҳои муҳоҷирати аҳолӣ бо қонунияти табиӣ дарҷ гардиданд, ки ҳоло кам омухта

шудаанд ва қисман нисбати онҳо маълумоти оморӣ вуҷуд дорад. Ба ин категория муҳоҷирати наздисарҳадӣ, муҳоҷират ба Тоҷикистон ва аз Тоҷикистон бо иштироки шаҳрвандони кишварамон ва хориҷиён, муҳоҷирати дохилии байни шаҳру деҳот, муҳоҷирати меҳнатии дохилии шаҳрвандони Тоҷикистон, муҳоҷирати мокувор, муҳоҷирати виртуалӣ (масофавӣ) ва дигарҳо дохиланд. Ҳамаи намудҳои муҳоҷирати дар боло зикршуда ба сохтори умумии муҳоҷирати аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд.

**Дар боби дуюм – "Такмили низоми идоракунии муҳоҷирати меҳнатӣ ва амнияти муҳоҷират ҳамчун омили рушди иҷтимоию иқтисодӣ"** асосҳои назариявии такмили системаи идоракунии муҳоҷирати меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ, амнияти муҳоҷират ва иқтидори муҳоҷирати меҳнатӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва инноватсионии мамлакат, хусусиятҳои сифатии муҳоҷирони меҳнатӣ ҳамчун яке аз омилҳои таъмини амнияти муҳоҷират, таҷрибаи байналмилалӣ оид ба такмили низоми идоракунии муҳоҷирати меҳнатӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии давлатҳо, таҳқиқ карда шуданд.

Дар назарияи иқтисодии муҳоҷирати аҳолӣ, ки муҳоҷирати меҳнатӣ ба таври қонунӣ аз ҳама васеъ ҳисобида мешавад, чунин ақида бартарӣ дорад, ки ҳаракати қувваи кории байналмилалӣ дар рушди бозори меҳнати бисёр кишварҳои таъинот ва пайдоиш падидаи муҳим ҳисобида мешавад. Дар байни муҳоҷирон муҳандисони баландихтисос, табибон, омӯзгорон, олимон, коргарони кишоварзӣ ва сохтмон, инчунин кормандони дигар ихтисосҳое ҳастанд, ки тахассуси баландро талаб намекунанд. Ҳамзамон, бояд эътироф кард, ки самти муҳоҷирати меҳнатӣ ба ҳамаи иштирокчиёни ин раванд – муҳоҷирон ва кишварҳои таъиноту пайдоиш бо назардошти афзоиши даромади

оила ва рушди иҷтимоию иқтисодии давлатҳо, манфиатбахш мебошад.

Ҳангоми баррасии манфиатҳои мутақобилаи иқтисодӣ, муайян кардани асосҳои назариявии қонунҳои иқтисодӣ дар раванди муҳоҷират муҳим ҳисобида мешавад, зеро онҳо ба рушди иҷтимоию иқтисодии давлатҳо ва такмили низоми идоракунии муҳоҷират, ки ба таъмини амнияти муҳоҷират мусоидат мекунанд, таъсир мерасонанд.

Агар иқтисодиёти Тоҷикистонро дар шароити иқтисоди бозаргонӣ омӯзем, пас нокомии истеҳсоли бисёр намудҳои молҳо ва хизматрасониҳо, ҷойгиркунии ғайримантиқии ҷуғрофии иншооти истеҳсолӣ, инфрасохтори ба таври кофӣ рушднашудаи деҳот, муҳоҷирати мутахассисони соҳибихтисос ва норасоии кадрҳо ва ғайраро мушоҳида кардан мумкин аст, ки ҷалби садҳо ҳазор захираҳои меҳнатӣ ва маблағгузории зиёдро талаб мекунад.

Бо назардошти робитаи бевоситаи қонунҳои иқтисодӣ бо соҳаи муҳоҷират, зарур даниста мешавад, ки усулҳои ҳавасмандгардонӣ оид ба ҷалби иқтидори молиявию сармоягузории муҳоҷирони меҳнатӣ, диаспораҳои тоҷик ва ҳамватанони бурунмарзӣ дар рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти мамлакат татбиқ карда шаванд. Бо ин роҳ садҳо ҳазор ҷойҳои кориро бо маоши арзанда дар дохили кишвар таъсис додан мумкин аст, ки он фазои хуби муҳоҷиратиро ба амал меорад.

Дар назарияи иқтисодии муҳоҷирати аҳолӣ аз ҳама оммавӣ муҳоҷирати меҳнатӣ ҳисобида мешавад ва ҳаракати қувваи кории байналмилалӣ дар рушди бозори меҳнати бисёр кишварҳои қабулкунанда ва интиқолдиҳанда падидаи муҳим ҳисобида мешавад. Бинобар ин, ба кишварҳои шарик рушди системаи идоракунии муҳоҷират зарур аст, ки он тавонад амнияти муҳоҷирон, ҷамъият ва давлатро таъмин созад.




**Расми 6. – Гурӯҳбандии таҳдидҳо ба амнияти муҳоҷират дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ бо эҳтимолияти арзёбии ҳадди ақал.**

**Сарчашма:** Аз ҷониби муаллиф дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ тартиб дода шудааст

Ҳангоми таҳқиқи мушкилоти муҳоҷирати меҳнатӣ мо зарур донистем, ки таҳдидҳои амнияти муҳоҷиратро дар шароити муосири Тоҷикистон аз рӯи баъзе нишондиҳандаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, ки бо сабабҳои объективӣ ва субъективӣ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар кишварҳои таъинот ва пайдоиши муҳоҷирон ҳалли саривақтӣ намееабанд, тасниф намоем (расми 6).

Таснифи таҳдидҳои амнияти муҳоҷиратро баррасӣ намуда, бояд қайд кард, ки дар сурати саривақт ҳал кардани онҳо, давлат метавонад натиҷаҳои дилхоҳро барои ташкили платформаи такмили системаи идоракунӣ ва таъмини амнияти муҳоҷират ба даст орад. Ҳамзамон, агар хатарҳои муҳоҷират ҳал нашаванд, пас мумкин аст вазъи номусоиди иҷтимоию иқтисодӣ ва эҳтимолияти паст шудани арзишҳои ҳадди ақал дар бисёр соҳаҳои иқтисодиёт ба амал ояд.

Бо усули таҳлили муқоисавӣ мо тасмим гирифтем, ки вазъи демографӣ ва муҳоҷиратро дар минтақаи Осиёи Марказӣ арзёбӣ намоем ва дараҷаи таъсири муҳоҷиратро ба рушди иҷтимоию иқтисодии давлатҳои минтақа муайян намоем. Аз ҷадвали 1-и дар поён овардашуда маълум кардан мумкин аст, ки танҳо Қазоқистон дар минтақаи Осиёи Марказӣ аз муҳоҷирати меҳнатии хориҷии шаҳрвандони худ таъсири назаррас надорад, зеро ин кишвар бештар давлати қабулкунандаи муҳоҷирон ба ҳисоб меравад. Нишондиҳандаҳои дигар кишварҳои донори муҳоҷирати меҳнатӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ фарқияти зиёд надоранд ва ҳамаи онҳо сиёсати муҳоҷиратии худро бо мақсади пешгирии хатарҳои муҳоҷират, таъмини ҳимояи ҳуқуқи муҳоҷирон, истифода бурдани иқтидори соҳаи муҳоҷират дар рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ ва инноватсионии давлат татбиқ мекунанд, ки дар ин гуна ҳолат интиқоли маблағҳои муҳоҷирон ҷиҳати рушди устувори кишвар нақш ва аҳамияти калолн дорад.

**Ҷадвали 1. - Таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳои демографӣ-муҳоҷиратии кишварҳои Осиёи Марказӣ ба ҳолати соли 2022 (млн. нафар).**

| Кишвар | Шумораи аҳолӣ | Захираҳои меҳнатӣ | Шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ | Муҳоҷирони меҳнатӣ бо % нисбат ба аҳолӣ | Муҳоҷирони меҳнатӣ бо % нисбат ба захираҳои меҳнатӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| Ӯзбекистон | 36,7 | 19,4 | 2,4 млн | 6,5 | 12 |
| Қазоқистон | 20,0 | 9,5 | 194 ҳаз. | 0,9 | 2,4 |
| Қирғизистон | 7,1 | 4,0 | 655 ҳаз. | 9,2 | 16 |
| Тоҷикистон | 10,0 | 5,8 | 775 ҳаз. | 7,5 | 13 |
| Туркманистон | 7,0 | - | - | - | - |

**Сарчашма:** [19], [12], [13], [1]. Маълумотҳо доир ба Туркменистон маҳдуд аст.

Кишварҳои донори муҳоҷирати меҳнатӣ бо гирифтани интиқоли пул аз хориҷа суботи худро аз ҷиҳати иҷтимоию иқтисодӣ таъмин мекунанд, зеро оилаҳои муҳоҷирон пардохтпазиранд ва маблағҳо барои эҳтиёҷоти гуногун сарф карда мешаванд, аз ҷумла: хароҷоти коммуналӣ ва дигар намудҳои хизматрасонии давлат; хароҷоти озуқаворӣ; хароҷоти таълим ва саломатии аъзои оила; харидан ва таъмири хонаҳои истиқоматӣ; баргузории чорабиниҳои арӯсӣ ва дигар чорабиниҳо; хариди мошинҳо ва дигар молҳо барои эҳтиёҷоти хоҷагидорӣ; хароҷоти нақлиёт ва ғайра.

Аз ин рӯ, давлат аз пардохтпазирии оилаҳои муҳоҷирон бо назардошти воридоти интиқоли пул фоидаи калон дорад. Илова бар ин, маблағҳои муҳоҷирон барои рушди тиҷорати хурду миёна, ба хоҷагии қишлоқ барои коркарди замин ва гирифтани маҳсулоти кишоварзӣ равона карда мешаванд, ки ин иштироки бевоситаи онҳоро дар рушди иқтисодиёти кишвар исбот мекунад.

Муҳоҷирати меҳнатӣ аз Тоҷикистон, ба монанди аксари кишварҳои фазои пасошӯравӣ, асосан ба Русия нигаронида шудааст. Дар айни замон, 50,2% муҳоҷирон дар сохтмон, 12,5% дар савдо, 8,3% хизматрасониҳои хонагӣ, 7,2% хизматрасониҳои таъмирӣ ва ХКХ, 6,4% дар соҳаи нақлиет, 3,9% дар саноат, 2,1% дар хоҷагии қишлоқ, 1,5% дар меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо ва ғайра 7,9% кор мекунанд [24, с. 13].

Барои муқоисаи соҳаҳои шуғл, маълумоти шабеҳро оиди муҳоҷирони меҳнатии Қирғизистон, ки дар Русия кор мекунанд, овардан мумкин аст. Аз ин шумора 24,3% дар сохтмон, 16,5% дар савдо, 10% хизматрасониҳои хонагӣ, 9,4% хизматрасониҳои таъмирӣ ва ХМК (ЖКХ), 6,5% дар соҳаи нақлиет, 5,2% дар саноат, 1,6% дар хоҷагии қишлоқ, 15,8% дар меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо ва ғайра 10,7% кор мекунанд [24, с. 14].

**Ҷадвали 2. - Таҳлили муқоисавии соҳаи фаъолияти муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон ва Қирғизистон дар соҳаҳои иқтисодиёти Русия (дар %)**

| Соҳаи фаъолият | Муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон | Муҳоҷирон и меҳнатии Қирғизистон |
|---|---|---|
| Сохтмон | 50,2 | 24,3 |
| Савдо | 12,5 | 16,5 |
| Хизматрасонии хонагӣ | 8,3 | 10,0 |
| Хизматрасонии таъмирӣ ва ХМК (ЖКХ) | 7,2 | 9,4 |
| Нақлиёт | 6,4 | 6,5 |
| Саноат | 3,9 | 5,2 |
| Хоҷагии қишлоқ | 2,1 | 1,6 |
| Меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо | 1,5 | 15,8 |
| Дигар намуди фаъолият | 7,9 | 10,7 |

**Сарчашма:** [24, с. 13]

Аз ҷадвали 2 фарқияти калонро танҳо дар ду соҳаи иқтисодиёт мушоҳида кардан мумкин аст, ки муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон ва Қирғизистон кор мекунанд ва ин соҳаҳои сохтмон ва тиҷорати меҳмонхонаву тарабхонаҳо мебошанд. Дар соҳаи сохтмон 50,2% муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон ва 24,3% муҳоҷирони меҳнатии Қирғизистон кор мекунанд, дар тиҷорати меҳмонхона ва тарабхона 15,8% муҳоҷирони меҳнатии Қирғизистон ва 1,5% муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон кор мекунанд. Дар дигар соҳаҳое, ки муҳоҷирони меҳнатии ду давлати ҳамсоя кор мекунанд, фарқияти зиёд надорад ва ин талаботи бозори меҳнати Русияро ба қувваи кории хориҷӣ нишон медиҳад.

Муҳоҷирати меҳнатӣ ва интиқоли пулии муҳоҷирон дар воридоти асъори хориҷӣ нақши муҳим мебозад, ки ин на танҳо воситаи таъмини оилаҳои муҳоҷирон, балки тақвияти қурби асъори миллӣ, афзоиши дороиҳои низоми бонкӣ, тавсеаи миқёси қарздиҳии бонкӣ, паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ, иҷрои вазифаҳо оид ба таъмини шаҳрвандони кишвар бо шуғли пурмаҳсул ва ғайра мебошад.

Ҳамзамон хато ҳисоб мекунанд, ки муҳоҷирати меҳнатӣ танҳо барои кишварҳои пайдоиши муҳоҷирон фоидаовар аст. Фаромӯш набояд кард, ки муҳоҷирати меҳнатӣ пеш аз ҳама аз пайдоиши талабот ба қувваи корӣ дар кишварҳои қабулкунанда ба вуҷуд омадааст ва дар ин ҳолат яке аз қонунҳои асосии иқтисоди бозорӣ – қонуни талабот ва пешниҳод амал мекунад. Дар мавриди муҳоҷирати меҳнатӣ, талабот ба захираҳои меҳнатӣ боиси вуруди онҳо аз кишварҳои дорои захираҳои кофии меҳнатӣ мегардад.




**Расми 7. - Шумораи муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон ва миқдори интиқоли пул аз хориҷа дар солҳои 2007-2022 гг. (ҳаз. нафар, млрд. $ ШМА)**

**Сарчашма:** [31], [30], [14], [20]

Тоҷикистон дар баробари дигар давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ва бисёр кишварҳои хориҷи дур кишвари донори муҳоҷирати меҳнатӣ ба ҳисоб меравад ва ба ҳисоби миёна ҳар сол ба ҷумҳурӣ 2,5 миллиард доллари ШМА интиқоли пул ворид мешавад ва ин манбаи даромад ба коҳиши назарраси сатҳи камбизоатии аҳолӣ дар кишвар мусоидат намуда, омили муҳими рушди иҷтимоию иқтисодӣ мебошад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки интиқоли пули муҳоҷирон барои баланд бардоштани даромади хонаводаҳо ва рушди кишвар, ки воситаи иқтисодии таъмини амнияти муҳоҷират мебошад, таъсири мусбат дорад.

Аз ҷадвали 3-и дар поён овардашуда маълум аст, ки ҳаҷми интиқоли пулии муҳоҷирон аз ҳаҷми сармоягузории мустақими хориҷӣ якчанд маротиба зиёдтар мебошад ва аҳамияти истифодаи оқилонаи иқтидори муҳоҷирати меҳнатӣ дар рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат бояд аз тарафи мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатии Тоҷикистон қобили қабул бошад. Ҳамзамон, истифодаи усулҳои ҳавасмандгардонӣ оид ба рушди тиҷорати хурд ва миёна, инчунин фароҳам овардани фазои сармоягузорӣ бо рушди ҳамкории хусусӣ ва давлатӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад.

**Ҷадвали 3. – Нишондиҳандаҳои ММД, ҳаҷми интиқоли пул ва таносуби он ба ММД, ҳаҷми сармоягузории мустақими хориҷӣ дар Тоҷикистон барои солҳои 2013-2022**

| Солҳо | ММД | Ҳаҷми интиқоли пул | Таносуби интиқоли пул ба ММД дар ҷумҳурӣ | Ҳаҷми сармоягузории мустақими хориҷӣ |
|---|---|---|---|---|
| 2013 | 8506,6 | 4173, 0 | 53,2 | 341,1 |
| 2014 | 9241,7 | 3853,0 | 42,2 | 377,4 |
| 2015 | 7853,0 | 2220,0 | 19,9 | 470,9 |
| 2016 | 6921,3 | 1928,8 | 27,4 | 434,2 |
| 2017 | 7146,0 | 2535,8 | 36,4 | 354,5 |
| 2018 | 7522,9 | 2553,2 | 33,9 | 326,7 |
| 2019 | 7903,5 | 2576,1 | 24,1 | 346,5 |
| 2020 | 7389,3 | 1224,2 | 16,5 | 477,8 |
| 2021 | 8746,8 | 1841,5 | 23,7 | 601,7 |
| 2022 | 10540,7 | 5220,4 | 49,2 | 430,6 |

**Сарчашма:** [29], [33, с. 11], [8]

Тайи даҳсолаҳои охир Тоҷикистон дар самти касбомузии шаҳрвандон мушкилиҳо дорад ва дар байни муҳоҷирони меҳнатии кишварамон тамоюли афзоиши шумораи муҳоҷирони дорои маълумоти олӣ мушоҳида мешавад. Агар соли 2010 шумораи муҳоҷирони дорои

маълумоти олӣ ҳамагӣ 13,3%-ро ташкил дода бошад, пас соли 2016 миқдори он то 21,8% ва соли 2021 то 24,8% афзоиш ёфт, ки ин гуна вазъият ба рушди иқтисодии кишвар таъсири манфӣ мерасонад.

Дар шароити ба амал омада, ба ақидаи мо «ревизияи» бозори меҳнати дохили кишварро дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат гузаронидан зарур аст, ки вобаста ба он омодагии оқилона ҷиҳати омузонидани кадрҳои миллӣ муайян карда мешавад. Ба ҳар ҳол, айни замон дар ҷумҳурӣ мушкилоти барзиёд будани кадрҳо бо маълумоти олӣ ва нарасидани мутахассисони касбҳои коргарӣ, аз ҷумла дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ мушоҳида мешавад, ки шумораи онҳо садҳо ҳазор нафарро ташкил медиҳад.

Айни замон дар ҷумҳурӣ 41 Донишгоҳи олӣ мавҷуд аст [15] ва қисми муайяни хатмкунандагони он дар бозори меҳнати дохили кишвар талабот надоранд. Бинобар ин, ба ақидаи мо дигаргун намудани самти фаъолияти баъзе Донишгоҳҳои олӣ бо мақсади рушди системаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар кишварамон ба мақсад мувофиқ аст, ки чунин амал хусусиятҳои сифатии муҳоҷирони меҳнатиро баланд бардошта, воситаи иҷтимоии амнияти муҳоҷиратро пурзур менамояд.

**Ҷадвали 4 – Сатҳи маълумотнокии муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон ба ҳолати солҳои 2010, 2016, 2021 (бо %)**

| Сатҳи маълумотнокӣ | 2010 | 2016 | 2021 |
|---|---|---|---|
| Маълумоти олӣ ва нопурраи олӣ | 13,3 | 21,8 | 24,8 |
| Маълумоти миёнаи техникӣ ва миёнаи махсус (коллеҷ ва литсейҳо) | 28,9 | 15,7 | 22,2 |
| Маълумоти миёнаи пурра | 46,2 | 48,5 | 47,6 |
| Маълумоти миёнаи нопурра | 10,0 | 8,8 | 5 |
| Маълумоти ибтидоии миёна | 1,6 | 5,2 | 0,4 |

Сарчашма: [25], [26], [27], [28]

Омӯзиши адабиёти илмӣ ва фаъолияти амалӣ дар соҳаи муҳоҷират нишон медиҳад, ки давлате, ки сиёсати самараноки муҳоҷиратро ба манфиати шаҳрвандон ва

кишвар пеш мебарад, метавонад муваффақ шавад. Яке аз намунаҳои идоракунии муҳоҷират ва истифодаи оқилонаи иқтидори самти муҳоҷират дар раванди рушди кишвар, модели Филиппин мебошад, ки коршиносон онро "мӯъҷизаи Филиппин" меноманд. Ин кишвар дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ зиёда аз 60 созишномаро бо дигар давлатҳо ба имзо расонид ва бо саҳми муҳоҷирон ҷиҳати ташкили ҷойҳои нави корӣ дар ҳудуди мамлакат, дар ин кишвар ҳар сол сатҳи бекорӣ 1% коҳиш меёбад.

Намунаи дигар оид ба рушди системаи идоракунии муҳоҷирати меҳнатӣ ва таъмини амнияти муҳоҷират таҷрибаи Ҳиндустон ҳисобида мешавад. Агар соли 2010 интиқоли маблағҳои муҳоҷирони ҳинд 49 млрд. доллари ШМА бошад, пас соли 2023 ин рақам 125 млрд. доларро ташкил кард [6] ва дар масъалаи интиқоли маблағ Ҳиндустон дар дунё ҷойи аввалро ишғол менамояд.

Ҳамин гуна дастовард дар Узбекистон низ ба назар мерасад. Агар соли 2018 маблағи интиқоли пул ба Узбекистон 2,9 млрд. доллари ШМА - ро ташкил дода бошад, пас соли 2019 он 5,6 млрд., соли 2020 - 6,3 млрд., соли 2021 - 8,1 млрд. [22, с. 134], соли 2022 – 11,4 млрд., соли 2023 – 13,5 млрд. ва соли 2024 – 14,8 млрд. доллари ШМА-ро ташкил дод [10]. ки самараи иқтисодии муҳоҷиратро исбот мекунад.

Тоҷикистон дар ҳалли мушкилоти муҳоҷират таҷрибаи мусбат дорад ва дар сурати истифодаи таҷрибаи пешқадами давлатҳои муваффақ оид ба ҳалли ҷараени муҳоҷират, натиҷаҳои дилхоҳро барои такмили низоми идоракунии муҳоҷирати меҳнатӣ ва таъмини амнияти муҳоҷират тавассути равона кардани иқтидори он ба некӯаҳволии хонаводаҳо ва рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ба даст овардан мумкин аст.

**Дар боби сеюми "Таҳлили вазъи муосири муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва афзалиятҳои таъмини амнияти муҳоҷират"** қонунгузории амалкунандаи миллӣ дар соҳаи

муҳоҷирати меҳнатӣ ва афзалиятҳои амнияти муҳоҷират, диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатии беруна ҳамчун яке аз омилҳои таъмини амнияти муҳоҷират, мушкилоти нави бозгашти оммавии муҳоҷирони меҳнатӣ ва нақши давлат дар ҳамгирой ва таъмини амнияти муҳоҷират таҳлил карда мешавад, нақши агентиҳои хусусии шуғл оид ба ҷалби муташаккилона ва таъмини амнияти муҳоҷирати муҳоҷирони меҳнатӣ, пешгӯии равандҳои муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ва потенсиали он барои татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи тавсеаи шуғли пурмаҳсул мавриди таҳлил қарор дода шуданд.

Айни замон аз санадҳои меъёрию ҳуқуқии миллӣ танҳо Консепсияи муҳоҷирати меҳнатӣ ба воқеияти муосири сиёсати муҳоҷират ҷавобгӯ буда, метавонад дар фаъолияти корӣ истифода шавад. Дар мавриди Қонун "Дар бораи муҳоҷират" ва Консепсияи сиёсати давлатӣ гуфтан лозим аст, ки ин ҳуҷҷатҳо рисолати худро иҷро кардаанд ва ҳоло аксари муқаррароти онҳо дар амал татбиқ намегардад. Дар ин гуна вазъият соли 2023 қабул шудани Стратегияи муҳоҷират-2040, икдоми саривақтии Ҳукумати мамлакат мебошад. Ба ин нигоҳ накарда, бо назардошти ивазшавии сиёсат ва вазъи муҳоҷират дар ҷаҳон, такмили қонунгузории миллӣ дар самти муҳоҷират зарур ба ҳисоб меравад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аввал нисбати диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатии беруна ва шомил шудан ба бозорҳои нави меҳнат диққати ҷиддӣ медиҳад. Ҳалли масъалаи мазкур дар Стратегия ва Консепсияи муҳоҷират дарҷ шудааст, ки он сиёсати давлатро дар ин самт тақвият медиҳад. Яке аз роҳҳои рушди фаъолият оид ба диверсификатсия, ин ҷорӣ намудани вазифаи "атташе оид ба муҳоҷират ва меҳнат" дар сохторҳои хадамоти дипломатии Тоҷикистон дар хориҷа мебошад, ки танҳо бо масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ машғул бошанд.

Дар солҳои охир шаҳрвандони Тоҷикистон дар Олмон, Британияи Кабир, ШМА, Аморати муттаҳидаи араб, Чин, Ҷопон, Полша, Кореяи Ҷанубӣ, Туркия ва дигар кишварҳои хориҷи дур фаъолияти меҳнатӣ доранд, ки ин зарурати ҷалби қувваи кории хориҷиро дар ин давлатҳо тасдиқ мекунад. Масалан, 61% корфармоени Олмон аз коргарони баландихтисос камӣ мекунанд ва Аз ин сабаб 1 марти соли 2020 Дар ин кишвар Қонуни муҳоҷирати меҳнатии мутахассисони баландихтисос Қабул карда шуд. То соли 2030 аҳолии қобили меҳнати Олмон дар синни аз 20 то 65 сола 3,9 миллион нафар коҳиш меёбад. дар соли 2060 бошад то 10,2 миллион нафар, ки ин мушкилоти демографӣ ва коҳиши шумораи аҳолии қобили меҳнатро исбот мекунад. Чунин вазъ метавонад бозори нави меҳнатро барои Тоҷикистон боз кунад ва кишвар бояд ҳамкориро бо дарназардошти такмили низоми идораи муҳоҷират ва таъмини амнияти муҳоҷирон, аҳолии кишварҳои шарик ва давлат, рушд диҳад.

Дар ҷадвали 5 бо номгуйи кишварҳои ҷаҳон, ки аз ҳама бештар муҳоҷирони хориҷиро қабул мекунанд, шинос шудан мумкин аст. Бо ин кишварҳо давлатҳои интиқолдиҳандаи муҳоҷирон ҳамкориҳои дуҷонибаро бо мақсади таъмин намудани амнияти муҳоҷирон ва равон кардани самти муҳоҷират ба раванди рушди кишварҳои шарик, устувор менамоянд.

**Ҷадвали 5. - Топ-10 кишварҳои ҷаҳон бо шумораи зиёди муҳоҷирони байналхалқӣ.**

| Кишварҳо | Шумораи муҳоҷирон | Шумораи аҳолии кишвар | % аз шумораи умумии муҳоҷирон дар дунё | % аз аҳолии кишвар |
|---|---|---|---|---|
| ШМА | 46 627 102 | 321773631 | 19,13% | 14,5% |
| Олмон | 12 005 690 | 80688545 | 4,93% | 14,9% |
| Россия | 11 643 276 | 143456918 | 4,78% | 8,1% |
| Арабистони Саудӣ | 10 185 945 | 31540372 | 4,18% | 32,3% |
| Британияи Кабир | 8 543 120 | 64715810 | 3,51% | 13,2% |

**Идомаи ҷадвали 5.**

| Кишварҳо | Шумораи муҳоҷирон | Шумораи аҳолии кишвар | % аз шумораи умумии муҳоҷирон дар дунё | % аз аҳолии кишвар |
|---|---|---|---|---|
| АМА | 8 095 126 | 9 156 963 | 3,32% | 88,4% |
| Канада | 7 835 502 | 35 939 927 | 3,22% | 21,8% |
| Франсия | 7 784 418 | 64 395 345 | 3,19% | 12,1% |
| Австралия | 6 763 663 | 23 968 973 | 2,78% | 28,2% |
| Испания | 5 852 953 | 46 121 699 | 2,40% | 12,7% |

Сарчашма: [16]

Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир, мисли бисёр дигар кишварҳои интиқолдиҳандаи муҳоҷирон, бо мушкилоти нав оиди бозгашти оммавии (депортатсияи) даҳҳо ҳазор нафар шаҳрвандони кишварамон дучор шудааст ва ин мушкилотро бо камтарин талафот барои ҷомеа бартараф намуда, аз ноороmиҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ бояд канорагирӣ кард. Федератсияи Русия соли 2012 ба қонунгузории муҳоҷират тағйиру иловаҳо ворид кард ва бо мақсади татбиқи талаботи он системаи таҳлилӣ оид ба ошкор ва ҷамъоварии маълумот оиди шаҳрвандони хориҷӣ, ки тартиби будубошро дар қаламрави Русия вайрон мекунанд, таъсис дода шуд.




**Расми 8. – Маълумот оид ба шумораи «манъшудагон» - шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2022** (нафар)

**Сарчашма:** [32]

Ҳамин тариқ, ҳар сол рӯйхати шаҳрвандони хориҷӣ (гурӯҳи хатар), ки қонунгузории ин кишварро вайрон карданд, тартиб дода мешавад ва дар асоси он рӯйхати "манъшудагон" муайян мегардад, ки вуруди онҳо ба қаламрави Русия ба мӯҳлати аз 3 то 5 сол ва дар баъзе ҳолатҳо то 10 сол манъ аст. Рӯйхати ҳарсолаи "манъшудагон"-шаҳрвандони Тоҷикистон аз 100 то 300 ҳазор нафарро ташкил медиҳад ва агар ҳар сол дар доираи 700-800 ҳазор нафар муҳоҷирони кишварамон ба Русия сафар кунанд, пас шумораи "манъшудагон" дар асл зиёд аст ва он хатари амнияти муҳоҷиратро ба вуҷуд меорад.

Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ таҷрибаи бозгашт ва ҳамгироии муҳоҷирони баргаштаро ба даст овардааст ва онро бояд бо истифода аз усулҳои нав татбиқ кард. Ҳалли масъалаи мазкур дар Стратегия муҳоҷират-2040 бо ҷорӣ кардани низоми 1+1 ва татбиқи механизми равонасозии муҳоҷирон пешбинӣ шудааст, ки он метавонад вазъро беҳтар намояд ва воситаи иҷтимоии амнияти муҳоҷиратро рушд диҳад.

Барои Тоҷикистон яке аз воситаи ташкилӣ дар рушди системаи идоракунии муҳоҷирати меҳнатӣ ва таъмини амнияти муҳоҷират, ин фаъолияти бомуваффақи агентиҳои хусусии шуғл (АХШ) ба ҳисоб меравад. Дар ҷумҳурӣ шумораи АХШ 30-35 ададро ташкил медиҳад, аммо танҳо 10-14 адади онҳо доимо кор мекунанд ва тавассути АХШ дар доираи 10-15 ҳазор нафар муҳоҷирон сафарбар карда мешаванд.

Солҳои охир дар Тоҷикистон ба масъалаҳои шуғли пурмаҳсули аҳолӣ, ки дар он соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ метавонад мусоидат намояд, аҳамияти калон дода мешавад. Бо мақсади мусоидат ба шуғли пурмаҳсули аҳолии қобили меҳнати мамлакат ва бо маоши арзанда таъмин намудани аҳолӣ, Ҳукумати Тоҷикистон соли 2022 дар ин самт Консепсияро қабул кард [3] ва дар он

масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳамчун яке аз воситаҳои мусоидат дар таъмини қувваи корӣ бо шуғли пурмаҳсул дарҷ гардидааст. Маблағи музди меҳнати муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷа, ки аз музди миенаи меҳнат дар ҷумҳурӣ якчанд маротиба зиёдтар аст, ки ин яке аз шаклҳои шуғли пурмаҳсул мебошад. Инчунин, самти муҳоҷирати меҳнатӣ имконият ва иқтидор дорад, ки таъсиси корхонаҳои навро бо усули кооператсия ба роҳ монад, ки дар онҳо садҳо ҳазор захираҳои меҳнатӣ кор карда, ҷараёни муҳоҷирати меҳнатӣ коҳиш меёбад.

Дар Тоҷикистон ҳар сол дар доираи 180 ҳазор нафар қувваи нави қобили меҳнат ба бозор дохил мешавад ва тақрибан 50% ё 90 ҳазор нафари онҳо дар дохили кишвар кори шоиста пайдо карда наметавонанд ва маҳз онҳо муҳоҷирони эҳтимолии меҳнатӣ мешаванд. Аз ин рӯ, пешгӯиҳои мо нишон медиҳанд, ки дар ҳолати беҳтар нашудани вазъи бозори меҳнати дохили кишвар, то соли 2040 шумораи муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон метавонад то 1,2 миллион нафар зиёд гардад.

**Дар боби чорум - "Иқтидори диаспораҳо ҳамчун шарикони таҳкими низоми идоракунии муҳоҷирати меҳнатӣ"** моҳият ва мазмуни диаспораҳо ҳамчун муттаҳидсози ҷомеаҳои этникӣ ва шарикони ҳукумат дар рушди мамлакат, ҷараёни ташаккулёбии диаспораҳо дар хориҷа, фаъолият ва устувор намудани ҳамкориҳо бо диаспораҳои тоҷик ҷиҳати таъмин кардани рушди устувори кишвар ва амнияти муҳоҷират таҳқиқ шуданд.

Тадқиқоти диаспораҳои тоҷик дар доираи кори диссертатсионӣ бори аввал гузаронида мешавад ва вазифаи мо ин аст, ки он метавонад ба омӯзиши минбаъдаи чунин масъалаи муҳим барои Тоҷикистон мусоидат намояд. Зеро дар ҷаҳон тақрибан 40 миллион [17] тоҷикон зиндагӣ мекунанд ва агар ба ин масъала аз нуқтаи назари манфиатҳои давлатӣ нигарем, пас ҷумҳурӣ имкониятҳои бузург дорад, ки чунин иқтидори

номаҳдудро дар раванди рушди устувори кишвар истифода барад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар сурати интихоби стратегияи дурусти ҳамкорӣ бо диаспораҳо, ҳамватанони хориҷӣ ва муҳоҷирони меҳнатӣ, онҳо метавонанд дар рушди ҷомеа саҳми назаррас гузоранд ва ҳамчун шарикон дар такмили низоми идоракунии равандҳои муҳоҷират ва таъмини амнияти муҳоҷират бошанд. Ҳалли ин масъала барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи муосир, бо дарназардошти тағйироти глобалии сиёсиву иқтисодӣ дар ҷаҳон ва мушкилоти дар рушди иҷтимоию иқтисодии давлат ба вуҷуд омада, муҳим ва саривақтӣ ҳисобида мешавад.

Тадқиқот оид ба масъалаҳои муҳоҷират ва диаспораҳо нишон медиҳад, ки қадами аввал барои ҳар як ҳукумат дар таҳияи стратегияи идоракунии муҳоҷират ва мусоидат ба ҷалби бештари диаспораҳо ба раванди рушд қобилияти муайян кардани ҳадафҳо ва вазифаҳои худ барои иҷрои воситаҳо ва механизмҳои дохилӣ (маъмурӣ, молиявӣ ва ғайра) мебошад, ки барои иҷрои ин вазифаҳо заруранд. Аз ин рӯ, дар ин соҳа танҳо бо истифодаи сиёсати чандир ва шаффофи давлатӣ нисбат ба диаспораҳо натиҷаҳои мусбат ба даст овардан мумкин аст. Дар ин самт роҳи дигари амалишаванда вуҷуд надорад ва аз ин гуна имконият истифода бурдани мақомотҳои дахлдори ҳокимияти давлатӣ зарур аст, зеро онҳо бо масъалаҳои муҳоҷират ва диаспораҳо машғул мебошанд ва ин гуна мавқеъ барои ташкили системаи мукаммали идоракунии муҳоҷирати меҳнатӣ ва коҳиш додани таҳдидҳои амнияти муҳоҷират дар сатҳи давлатӣ мусоидат мекунад.

Худи калимаи "диаспора" юнонӣ буда, маънои "парокандашавӣ" - ро дорад, яъне он як қисми халқест (этнос), ки берун аз кишвари аслии худ зиндагӣ мекунанд ва гурӯҳҳои қавмии муттаҳидшуда ва устуворро дар

кишвари истиқомат бо институтҳои иҷтимоии мавҷуда барои нигоҳдорӣ ва рушди ҳувият ва ҷомеаи худ, ташкил медиҳанд [11].

Ба ҳолати соли 2020, ба ғайр аз Русия, диаспораҳои тоҷикон дар кишварҳои зерин ба қайд гирифта шудаанд: дар Украина – 5 диаспора, Қирғизистон - 2, Қазоқистон - 12, Ӯзбекистон - 3, ШМА - 6, Англия - 2, Олмон - 2, Нидерландия – 2 [32]. Дар Русия ба ҳолати соли 2016 ҳамагӣ 156 диаспора ва иттиҳодияҳои миллии тоҷик дар қайд буданд [9], ки фаъолияти худро қариб дар ҳама минтақаҳои Федератсияи Русия амалӣ мекунанд. Дар солҳои минбаъда мақомоти давлатии муҳоҷирати Русия маълумотро ба ҷониби Тоҷикистон дар бораи шумораи диаспораҳои таҷик пешниҳод накард ва аз ин рӯ имконияти маълумоти навшударо омода кардан мавҷуд набуд.

Фаъолияти диаспораҳои тоҷик барои нигоҳ доштани анъанаҳои миллӣ, урфу одат, забони модарӣ, маданият, таърих, беҳтар намудани ҳамкориҳо бо мақомотҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳудуди давлати қабул ва ҳаргироии муҳоҷирони навомадаи Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст. Мутаассифона, диаспораҳои алоҳида фаъолияти худро аз рӯи ангезаҳои маҳаллӣ ба роҳ мемонанд, ки ин гуна мавқеи нодуруст дар мустаҳкамии муносибат байни тоҷикистониён дар хориҷа таъсири манфӣ дорад. Дар робита ба ин, мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатии Тоҷикистонро лозим аст, ки барои аз байн бурдани далелҳои хусусияти маҳаллӣ дошта, чораҳои муассир андешанд, зеро чунин падидаи манфӣ раванди рушди давлати ҷавони тоҷиконро метавонад халалдор намояд.

Бо мақсади мустаҳкам кардани ҳамкорӣ бо диаспораҳо ва ҷалби онҳо ба раванди рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи дахлдорро тасдиқ намуд [4], ки мақсади асосии он ҷалб ва

сафарбар намудани диаспораи тоҷик, муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳамватанони бурунмарзӣ барои таъмини рушди устувори Тоҷикистон тавассути фароҳам овардани шароити мусоид ва таҳияи барномаҳои иҷтимоӣ мебошад.

Яке аз вазифаҳои муҳим барои рушди ҳамкориҳо бо диаспораҳо ин мустаҳкам намудани фаъолияти сохторҳои дипломатӣ дар хориҷа мебошад. Онҳо метавонанд заминаи бештари захиравӣ ва иттилоотӣ дошта бошанд, ки метавонанд робитаи байни муҳоҷирони меҳнатӣ, диаспора ва Ҳукуматро беҳтар кунанд. Чунин варианти амал метавонад як қисми сиёсати хориҷии Тоҷикистон нисбат ба шаҳрвандони худ берун аз ҷумҳурӣ гардад ва ба таҳкими низоми идораи муҳоҷират ва пешгирии таҳдидҳои муҳоҷират мусоидат намояд.

Ба Тоҷикистон дар мисоли дигар давлатҳо рушд додани институти диаспораҳо ва дар сохтори Парлумони кишвар ташкили Кумитаи муҳоҷират ва диаспораҳо бо интихоби вакилони халқ аз байни тоҷикони бурунмарзӣ ба мақсад мувофиқ аст. Чунин қарор имиҷи Ҳукумати мамлакатро баланд бардошта платформаи нави рушди ҳамкорӣ бо диаспораҳо ва элементи нави сиёсати берунаи Тоҷикистон мегардад. Ба ғайр аз он, ин гуна амал ба ҳамкориҳои байниидоравӣ ва байнидавлатӣ тақвият бахшида, дараҷаи татбиқи сиёсати давлатии муҳоҷиратро беҳтар намуда, ба такмили низоми идоракунӣ ва таъмини амнияти муҳоҷирон, ҷамъият ва давлат мусоидат менамояд.

**Дар боби панҷум - "Сиёсати давлатӣ оид ба такмили низоми идоракунӣ ва таъмини амнияти муҳоҷират"** масъалаҳои такмили низоми идоракунӣ ҳамчун асоси сиёсати давлатӣ оид ба таъмини амнияти муҳоҷират, дурнамои ҳамкории минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё оид ба якҷояшавии иҷтимоӣ ва таъмини амнияти муҳоҷирони меҳнатӣ, рушди институтсионалии сохтори муҳоҷират ва

татбиқи механизмҳои самараноки идоракунӣ таҳқиқ карда шуданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолияти давлатӣ ҷиҳати танзими ҷараёни муҳоҷират ва такмили низоми идоракунӣ ва таъмини амнияти муҳоҷират барои муҳоҷирон, ҷомеа ва давлат кӯшишҳои зиёд ба харҷ медиҳад. Аммо, ҷаҳонишавии муҳоҷирати байналмилалии аҳолӣ ва мушкилоти нави таҳдидҳои муҳоҷират равишҳо ва усулҳои муосирро барои татбиқи сиёсати фасеҳ ва самараноки муҳоҷират бо рушди ҳамкорӣ дар сатҳи байниидоравӣ ва байнидавлатӣ талаб мекунанд.

Хеле муҳим аст, ки нақши муҳоҷират дар рушди миллӣ дуруст фаҳмида шавад, то он тавонад сиёсати созандаеро татбиқ намояд, ки нисбат ба оқибатҳои манфии чораҳои баъзе кишварҳо барои маҳдуд кардани муҳоҷират муҳимтару ҳассостар бошад. Зеро, аз нуқтаи назари мо, интихоби нодурусти сиёсати давлатии муҳоҷират метавонад ҷомеаро ба ҳолати ғайричашмдошт дучор созад ва ноком гардонад. Бинобар ин, бештари ҳукуматҳои кишварҳои таъинот ва пайдоиши муҳоҷирон аз пайи коркарди чораҳои махсуси сиёсӣ оид ба идоракунии равандҳои муҳоҷират ва пешгирии хатарҳои муҳоҷират мебошанд, ки бо ин роҳ шароити хуби зиндагии инсонӣ ва будубоши осудаҳолонаи муҳоҷиронро таъмин созанд.

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки раванди муҳоҷирати меҳнатии байналхалқӣ барои кишварҳои қабул ва интиқол манфиатбахш мебошад ва аз ин рӯ, давлатҳои шарикро дар самти муҳоҷират дозим аст масъалаҳои ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқӣ ва таҳияи механизмҳои муосири будубоши қонунии муҳоҷирони меҳнатиро якҷоя баррасӣ намоянд. Чунин амал барои таъмини амнияти муҳоҷират заминаи хуб мегузорад.

Дар доираи рушди равандҳои муосири интегратсионӣ дар фазои пасошӯравӣ бояд ҳамаи нуқтаҳои мусбат ва

манфии пайвастани имконпазир ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё бо ҳуқуқи шарики комил ва баробарҳуқуқ баррасӣ карда шаванд. Дар сурати ба ИИАО пайвастани Тоҷикистон ва тасдиқи Шартномаи иттиҳод, ин равиш имкони бештари самараи иқтисодиро ба амал меорад.

Айни замон дар қаламрави Русия корфармоён пеш аз ҳама муҳоҷирони меҳнатиро аз кишварҳои узви ИИАО ва сипас аз дигар давлатҳо ба кор қабул мекунанд. Аз рӯи мантиқи масъала, ҷониби русияро фаҳмидан мумкин аст, зеро дар қаламрави он ва дар қаламрави дигар давлатҳои иштирокчии ИИАО пеш аз ҳама шаҳрвандони ин иттиҳод барои кор кардан имтиёзҳои худро доранд. Онҳо ҷойҳои кории бонуфуз ва сердаромадро дар бозори меҳнати умумӣ ишғол мекунанд ва боқимондаи корҳои беихтисос ва каммуздро ба муҳоҷирони меҳнатии дигар давлатҳо пешниҳод мекунанд. Ин як раванди қонунист ва бисёр институтҳои байналмилалӣ ин корро мекунанд.

Дар сурати ба ИИАО дохил шудан, Тоҷикистон бояд манфиатҳои миллиро аз ҷиҳати иҷтимоию иқтисодӣ, ки муҳоҷират дар мавқеи пешрафта қарор дорад, ҳимоя кунад. Масалан, афви умумии муҳоҷирони меҳнатии рондашударо ба истиснои шахсоне, ки ҷиноятҳои вазнин содир кардаанд, омузиши муҳоҷирон дар заминаи низоми муассисаҳои таҳсилоти касбии Русия ва ҳамзамон аз ҷиҳати техникӣ муҷаҳҳаз гардонидани муассисаҳои таҳсилоти касбии Тоҷикистонро барои ҷалби шумораи зиёди шаҳрвандони кишвар ба раванди таълими касбҳои муосири корӣ, ба миён гузоштан мувофиқи мақсад аст, зеро ин барои ҳарду ҷониб муфид аст.

Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ қисми сиёсати иқтисодии давлат буда, маҷмӯи тадбирҳоест, ки ба ташкили низоми муосири идоракунии муҳоҷирати меҳнатӣ ва таъмини амнияти муҳоҷират бо мақсади коҳиш додани хатару

таҳдидҳо нисбат ба шаҳрвандони Тоҷикистон дар дохил ва хориҷи кишвар равона карда шудаанд.




**Расми 9. Модели имитатсионии такмили системаи идоракунӣ ва таъмини амнияти муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Ҳамзамон, як қатор мушкилоте мавҷуданд, ки самаранокии татбиқи сиёсати давлатии муҳоҷиратро халалдор менамоянд, ба монанди набудани қонунҳои нав дар шароити зудтағйиребандаи сиёсати муҳоҷират дар ҷаҳон; камфаъолиятии баъзе аз мақомоти дахлори давлатӣ дар самти муҳоҷират; ҷорӣ накардани усулҳои муосири ҳавасмандгардонӣ бо мақсади ҷалби муҳоҷирон ва диаспораҳо дар рушди кишвар; сатҳи пасти касбӣ ва забондонии муҳоҷирон; вазифаҳои ҳалношуда оид ба дастгирии давлатии агентиҳои хусусии шуғл ва ҳалли масъалаҳои ҷалби муташаккилонаи муҳоҷирон; мушкилоти диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатии беруна; фаъолияти бесамари намояндагиҳои расмии Тоҷикистон дар хориҷа ва дигар мушкилиҳо ба танзими давлатии равандҳои муҳоҷират монеъ мешаванд. Модели дар боло овардашудаи муаллиф метавонад ба рушди институтсионалии низоми муҳоҷират ва татбиқи воқеии сиёсати давлатии муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд.

Тоҷикистон дар солҳои истиқлолияти давлатӣ бо тамоми кишварҳои ҷаҳон ҳамкориҳои судмандро ба роҳ монда, тавассути намояндагиҳои расмии кишвар дар хориҷа дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт, аз ҷумла масъалаҳои муҳоҷират муколамаи созанда бунёд менамояд. Аз ин рӯ, Тоҷикистон дар мисоли дигар давлатҳои муваффақи ҷаҳон метавонад равишҳои инноватсиониро дар бунёди сохторҳои нав барои ноил шудан ба ҳадафҳои нав оид ба такмили низоми идоракунӣ ва таъмини амнияти муҳоҷират ҷорӣ намуда, иқтидори соҳаи муҳоҷиратро барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва рушди устувори иҷтимоиую иқтисодии кишвар бештар гардонад.

## III. ХУЛОСАҲО ВА ТАВСИЯҲО

### Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1.Ҷаҳонишавии муҳоҷирати байналхалқии аҳолӣ дар назди ҳукуматҳои кишварҳо дар бораи зарурати амалҳои

мувофиқашуда оид ба татбиқи сиёсати самараноки муҳоҷират ва коҳиш додани хатарҳои муҳоҷират вазифаҳои нав мегузорад. Аз ин хотир, давлатҳои қабул ва интиқоли муҳоҷиронро лозим аст, ки усулҳои муосири натиҷабахшро ҷиҳати таъмин намудани ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирон ҷорӣ намуда, иқтидори самти муҳоҷиратро барои рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳо, беҳтаршавии некӯаҳволии оилаҳои муҳоҷирон ва таъмин намудани амнияти ҷамъият ва давлат равона созанд [1-М, 3-М, 10-М, 13-М, 30-М, 43-М].

2. Барои ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ оид ба такмили низоми идоракунӣ ва таъмини амнияти муҳоҷират ҳалли се вазифаи калидӣ зарур аст: 1) интихоби сиёсати мақсаднок, пайдарҳам ва самараноки муҳоҷират; 2) такмили қонунгузории миллӣ ва рушди ҳамкории байниидоравӣ ва байнидавлатӣ; 3) идоракунии маъмурӣ тавассути мақомоти ваколатдор бо ташаббуси қонунию ҳуқуқӣ дар самти муҳоҷират. Дар сурати амалӣ гардидани ин се вазифа, Тоҷикистон метавонад оқибатҳои эҳтимолии манфии муҳоҷиратро, ки солҳои охир кишварро ҳамроҳӣ мекунанд, кам намуда, таъсири мусбати муҳоҷиратро зиёд ва иқтидори онро дар рушди устувори кишвар истифода барад [1-М, 3-М, 31-М].

3. Вазъи кунунии бозгашти оммавии (депортатсияи) муҳоҷирони меҳнатӣ-шаҳрвандони Тоҷикистон аз қаламрави Русия таҳдидҳои муҳоҷиратро ба вуҷуд меорад ва вазъияти иҷтимоию иқтисодии кишварро вазнин мегардонад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҳамгироии муҳоҷирони меҳнатии баргашта дар ҷамъият, Стратегияи муҳоҷират-2040 ва Барномаи шуғл барои солҳои 2023-2027-ро қабул кард, ки дар асоси он вазорату идораҳои ҷумҳуриявӣ бояд ҷиҳати татбиқи чорабиниҳои қабулгардида тадбирҳои саривақтӣ андешанд [1-М, 2-М, 9-м].

4. Дурнамои ҳамкории Тоҷикистон бо кишварҳои ИИАО оид ба танзими равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳамгироии иҷтимоии муҳоҷирон ва аъзои оилаи онҳо муҳим ҳисобида мешавад. То 95% муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон дар Русия ва боқимонда дар дигар кишварҳои ИИАО ва хориҷи дур кор мекунанд. Аз ин хотир, барои Тоҷикистон татбиқи сиёсати дурандеш ҷиҳати рушди ҳамкориҳо бо кишварҳои ИИАО ва ҳамзамон тақвияти фаъолият бо давлатҳои хориҷи дур зарур аст, ки он барои ҳамгироии иҷтимоӣ ва дар таъмини амнияти муҳоҷирон ва аъзои оилаҳои онҳо мусоидат менамояд [1-М, 24-М, 34-М].

5. Мушкилоти фаъолияти бесамари АХШ аз давраи таъсисёбии онҳо дар Тоҷикистон яке аз сабабҳои рушд наёфтани низоми ҷалби муташаккилона ва фиристодани муҳоҷирони меҳнатӣ ба хориҷа мебошад. Ин мушкилоти муҳоҷирати меҳнатиро бештар мекунад ва хатарҳоро барои муҳоҷирон ба вуҷуд меорад. Бо мақсади рушди фаъолияти АХШ, дастгирии давлатӣ ва пеш аз ҳама қабули Қонун "Дар бораи агентиҳои хусусии шуғл" зарур аст. Инчунин, мусоидат ҷиҳати роҳандозии ҳамкории АХШ бо Сафоратхонаҳо ва Намояндагиҳои Тоҷикистон дар хориҷа, ба фаъолияти АХШ тақвият бахшида, амнияти муҳоҷиронро таъмин мекунад [1-М, 35-М, 40-М].

6. Ҷалби диаспораҳои тоҷик ва ҳамватанони хориҷӣ ба сифати шарикони рушди ватан барои Тоҷикистон шакли нави ҳамкорӣ мебошад, ки муддати тӯлонӣ дар бисёр давлатҳои ҷаҳон бомуваффақ истифода мешавад. Диаспора метавонад дар ҳифзи фарҳанги миллӣ, забони модарӣ, расму оинҳо, анъанаҳо ва ташаккули худшиносии миллӣ дар байни тоҷикон дар хориҷа нақши назаррас дошта бошад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар сурати интихоби стратегияи дурусти ҳамкорӣ бо диаспораҳо, он метавонад элементи нави сиёсати берунаи

давлат гардад ва дар таъмини амнияти муҳоҷират саҳмгузор бошад [1-М, 3-М, 7-М, 14-М].

7. Асоснок шуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз сиёсати муътадили муҳоҷиратро муайян накардааст, ки аз ин рӯ аксар вақт барои муҳоҷирон қарорҳои фаврӣ ва тақдирсоз қабул карда намешаванд, ки боиси ранҷу азоб ва таҳқири даҳҳо ҳазор муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷа мегардад. Дар робита ба ин, таъсиси вазифаи Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати муҳоҷират ба мақсад мувофиқ ҳисобида мешавад [1-М, 3-М, 8-М].

8. Исбот мегардад, ки бе ҳамоҳангсозии Ҳукумати мамлакат, бисёри масъалаҳо дар соҳаи муҳоҷират ҳалнощуда мемонанд, ки он вазъи муҳоҷиронро мушкил менамояд. Бинобар ин, дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон созмон додани Комиссияи давлатӣ оид ба ҳалли масъалаҳои муҳоҷират таҳти раисии Сарвазири кишвар ва аъзогии роҳбарони аввали вазорату идораҳои ҷумҳурӣ, шарикони иҷтимоӣ, намояндагони диаспораҳо ва дигар ташкилотҳои дахлдор муҳим мебошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки фаъолияти ҳозираи Комиссияи назди Ҳукумати ҶТ оид ба танзими равандҳои муҳоҷират таҳти роҳбарии муовини Сарвазир ва аъзогии муовинони вазорату идораҳои ҷумҳуриявӣ камсамар аст [1-М, 3-М].

9. Муайян карда шуд, ки Парлумони Тоҷикистон ба ҳалли мушкилоти муҳоҷирати аҳолӣ таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир намекунад. Аз ин рӯ, дар асоси таҷрибаи байналхалқӣ, таъсиси Кумитаи муҳоҷират ва диаспора дар сохтори Парлумони кишвар ва интихоби вакилони халқӣ аз ҳисоби муҳоҷирони соҳибмаърифат ва бонуфуз, диаспораҳои тоҷик ва ҳамватанони бурунмарзӣ, ки дар рушди мамлакат иштирок доранд, муҳим мебошад. Ин равиш эътимоди муҳоҷирон, диаспораҳо ва аҳолии кишварро ба давлат, инчунин обруи Тоҷикистонро дар сатҳи байналхалқӣ баланд мегардонад [1-М, 3-М, 32-М].

10. Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда нишон доданд, ки барои идоракунии давлатии ҷараёни муҳоҷират ва танзими равандҳои он, рушди доимии қонунгузории миллӣ зарур мебошад, ки он имконияти такмили системаи идоракунӣ ва паст кардани хатарҳои муҳоҷиратро фароҳам меорад. Қонуни амалкунандаи ҶТ "Дар бораи муҳоҷират" соли 1999 қабул шуд ва қисми зиёди меъёрҳои он дигар истифода намешаванд. Аз 27 моддаи Қонун 14-тои он ба будубоши муҳоҷирони хориҷӣ дар ҶТ бахшида шудааст, ҳол он ки барои кишвар масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Тоҷикистон бештар афзалиятнок аст. Аз ин хотир, қабула Қонуни нави ҶТ «Дар бораи муҳоҷирати меҳнатӣ» зарур аст [1-М, 3-М, 20-М].

11. Яке аз масъалаҳои асосӣ доир ба танзими давлатии равандҳои муҳоҷират, такмили системаи идоракунӣ ва таъмини амнияти муҳоҷират, ин татбиқи сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатии беруна мебошад. Айни замон мақомотҳои дахлдори давлатӣ фаъолиятро дар ин самт беҳтар кардаанд ва тамоюли афзоиши ҷараёни муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони кишварамон ба давлатҳои хориҷи дур ва бештар ба мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо ба назар мерасад. Лекин, барои расидан ба натиҷаҳои дилхоҳ, ҳамаи вазорату идораҳои ҷумҳуриявиро зарур аст, ки иҷрои чорабиниҳои дар Стратегияи муҳоҷират-2040 дарҷшударо таъмин намоянд [1-М, 23-М, 29-М, 43-М].

12. Дар асоси тадқиқотҳои зиёди олимони хориҷӣ ва ватанӣ муқаррар гардид, ки маблағҳои гузаронидашуда ва сармояҳои муҳоҷирон, диаспораҳо ва ҳамватанони бурунмарзӣ барои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва инноватсионии кишварҳои қабул ва интиқол саҳми назаррас доранд. Нисбати Тоҷикистон бояд қайд кард, ки солҳои 2007-2022 ҳаҷми интиқоли маблағ зиёда аз 34

миллиард доллари ШМА-ро ташкил дод ва он дар рушди мамлакат мусоидат намуд. Иқтидори муҳоҷиратро барои манфиатҳои давлатӣ бисёр кишварҳои ҷаҳон истифода мебаранд ва дар сатҳи байналхалқӣ қабул шудааст, ки муҳоҷират ин раванди рушди инсон ва баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад [1-М, 3-М, 23-М, 28-М, 39-М].

## Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот

1. Барои Тоҷикистон ба инобат гирифтани таҷрибаи хуби давлатҳои муваффақ дар самти муҳоҷират, ки тавонистанд ба натиҷаҳои назаррас ноил гарданд, ба мақсад мувофиқ аст. Намунаи филиппинӣ, ҳиндӣ, туркӣ, узбекӣ ва дигарҳо оид ба танзими давлатии муҳоҷират ва такмили системаи идоракунӣ аз тарафи коршиносони байналхалқӣ пазируфта шуданд ва ин гуна фаъолияти натиҷабахш барои таъмини амнияти муҳоҷират замина мегузорад [1-М, 2-М, 39-М].

2. Ҳамкории Тоҷикистон ва Русия дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ба рушди минбаъда ниёз дорад, зеро аз соли 2014 то имрӯз танҳо як созишномаи байниҳукуматӣ оид ба ҷалби муташаккили муҳоҷирони меҳнатӣ ба имзо расидааст. Вазъи муҳоҷират ва сиёсати кишварҳои таъини муҳоҷирон босуръат тағйир меёбад, Бинобар ин, Тоҷикистонро лозим аст, ки барои пешгирӣ аз хатарҳо нисбат ба муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаҳои онҳо дар қаламрави Русия ва дигар давлатҳои қабули шаҳрвандони Тоҷикистон чораҳои муносиб андешад. Ба имзо расонидани созишномаҳои нав ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба созишномаҳои амалкунанда бо давлатҳои шарик дар бораи фаъолияти корӣ ва ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ - шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷа, асоси таъмин намудани амнияти муҳоҷират ба ҳисоб меравад [1-М, 3-М, 6-М, 11-М, 24-М].

3. Қисми асосии муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон дар ҳудуди Русия кор мекунанд ва саҳми онҳо дар рушди иқтисодиёти ин кишвар нисбат ба интиқоли маблағ ба зодгоҳашон ба маротиб зиёд аст. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки танҳо соли 2019 саҳми муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон дар маҷмуи маҳсулоти дохили Русия 22 млрд. доллари ШМА-ро ташкил кард ва худи ҳамон сол муҳоҷирон ба ватан танҳо 2,6 млрд. доллар интиқол доданд. Яъне, саҳми муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон дар рушди иқтисодии Русия 8,5 маротиба нисбат ба ватани худ зиёдтар аст ва ин гуна мисол ба ҳамкорони русиягӣ воқеияти ҳолро дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ нишон медиҳад. Бо дарназардошти ин далел, тавсия дода мешавад, ки Тоҷикистон дар назди ҳамкасбони рус дар бораи бо таҷҳизоти техникии муосир таъмин намудани муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ҷиҳати таълими муҳоҷирони меҳнатии кишварамон ба намудҳои касбҳое, ки дар бозори меҳнати Русия талабот доранд, масъалагузорӣ намояд. Инчунин, оиди қабул ва таълими муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон дар заминаи низоми муассисаҳои таҳсилоти касбии Федератсияи Россия, масъаларо ҳал кардан зарур аст, зеро он манфиати дутарафа дорад [1-М, 3-М, 27-м, 36-м].

4. Барои Тоҷикистон дар шароити ҳозираи мушкилоти равандҳои муҳоҷират, рушди ҳамкориҳо ва ҷалби фаъоли ташкилотҳои байналхалқӣ, ҷамъиятӣ, ғайридавлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати дар якҷоягӣ ҳал кардани камбудиҳо дар самти муҳоҷират лозим аст. Чунин ҳамкориҳо дар бисёр кишварҳои дунё ба роҳ монда шудаанд ва он натиҷаи хуб дорад. Ташкили Фонди дастгирии иҷтимоию ҳуқуқии муҳоҷирон ва аъзои оилаи онҳо яке аз воситаҳои мустаҳкам кардани ҳамкории мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо дигар бахшҳо ба ҳисоб меравад [1-М, 3-М, 38-М].

5. Мушкилоти муҳоҷирати кадрҳо ё "хуруҷи зеҳнҳо" ба рушди иқтисодии Тоҷикистон таъсири манфӣ мерасонад. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки солҳои 1991-2010 шумораи талафоти кадрӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ 266 ҳазор нафарро ташкил дод, ки ҷуброн кардани он амалан ғайриимкон аст. Ҳисобҳо бо усули СММ нишон медиҳанд, ки ҳангоми кишварро тарк кардани як мутахассис, ин давлат ба ҳисоби 300 ҳазор доллари ШМА зарар мебинад. Агар зарари иқтисодии ба ҷумҳурӣ расонидашударо аз сабаби "гум кардани кадрҳо" ҳисоб кунем, ин 79 миллиарду 800 миллион доллари ШМА-ро ташкил медиҳад. Яке аз роҳҳои пешгирии "хуруҷи зеҳнҳо", ин фароҳам овардани шароити хуби моддию маишӣ ва ҷорӣ кардани усулҳои ҳавасмандгардонӣ барои нигоҳдории мутахассисон, инчунин таҳияи барномаҳои муосири давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва инноватсионӣ мебошад [1-М, 3-М, 25-М, 31-М].

6. Яке аз мушкилоте, ки солҳои тулонӣ дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ вуҷуд дорад, ин сатҳи пасти касбӣ ва надонистани забони хориҷӣ аз тарафи қисми зиёди муҳоҷирон ба ҳисоб меравад. Модели шарикии давлатӣ ва хусусии филиппин нишон медиҳад, ки дар ин кишвар 68% муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бахши хусусӣ ва танҳо 32% давлатӣ мебошанд. Зиёда аз 70% шаҳрвандони Филиппин таҳсилро дар бахши хусусӣ анҷом медиҳанд ва ин гуна шарикӣ дастгирии бевосита ба ҳукумат оид ба таълими шаҳрвандон ба касбҳои муосир мебошад. Ба Тоҷикистон лозим аст ин гуна фаъолиятро амалӣ намояд [1-М, 2-М, 17-М, 35-М, 42-М].

7. Ҷаҳонишавии равандҳои муҳоҷират дар дунё ва мушкилоти мавҷуда дар самти бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ собит месозад, ки Тоҷикистон боз чанд даҳсолаҳо бо масъалаҳои муҳоҷират машғул мешавад. Вобаста ба он, ки мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба муҳоҷират дар

симои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фаъолияти бисёрфунксионалӣ машғул аст ва масъалаҳои муҳоҷират на ҳамеша ҳалли саривақтиро пайдо мекунанд, дар заминаи Хадамоти муҳоҷирати амалкунанда, ки зерсохтори вазорати номбурда мебошад, таъсис додани Вазорати мустақили муҳоҷират ва кор бо диаспора мақсаднок ҳисобида мешавад, ки он маблағгузории калонро аз буҷети давлатӣ талаб намекунад. Саҳми муҳоҷирон дар рушду суботи кишвар назаррас аст ва онҳо сазоворанд вазорати худро дошта бошанд, ки бо тамоми масъулият барои ҳалли мушкилоти соҳаи муҳоҷират шабонарӯзӣ бо дарназардошти ҳузури тоҷикон дар ҳамаи қитъаҳои ҷаҳон, фаъолияти босамарро ба роҳ монад [1-М, 3-М, 39-М].

## IV. РӮЙХАТИ КОРҲОИ НАШРШУДА ДАР АСОСИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### А) Монографияҳо, китоб ва брошюра

[1-М]. Бабаев А.А. Монография. Современные проблемы миграции населения Республики Таджикистан: ее потенциал в процессе развития страны [Текст]. Душанбе. 2020. – 480 с., 30 п.л.

[2-М]. Бобоев А.А. Монография. Равандхои муосири мухочирати ахолии Чумхурии Точикистон: мушкилихо ва роххои халли он [Текст]. Душанбе. 2022. – 248 с., 15,5 п.л.

[3-М]. Рахимзода Ш.М., Саидмуродзода Л.Х., Бобоев А.А. Трудовая миграция в контексте демографических тенденций и перспектив. //Учебный модель/Учебное пособие. Государственный финансово-экономический университет Таджикистана. [Текст]. Душанбе. 2024. – 66 стр., 4,2 п. л., автором – 3,5 п. л.

[4-М]. Бабаев А.А. Брошюра. Методические указания для сотрудников Государственного агентства социальной защиты, занятости населения и миграции по реинтеграции возвратившихся на родину трудящихся-мигрантов

(методическое пособие) [Текст]. Душанбе. 2010. - 64 с., 4,0 п.л.

**Б) Нашр дар нашрияҳо, ки ба номгуйи маҷаллаҳо ва нашрияҳои пешбари тақризшавандаи аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия пешниҳодшуда**

[5-М]. Бабаев А.А. Трудовая миграция – как фактор инновационного развития государств приема и отправки мигрантов. //ж. "Экономика Таджикистана". – 2017. - №4. - С. 159-167.

[6-М]. Бобоев А.А., Азимова З.А. Тачрибаи байналхалќи оид ба чалб намудани мухочирони таълими дар рушди мамлакат. //мачаллаи "Паёми Донишгохи омӯзгори". – 2020. - №1-2(5-6). - С. 68-71.

[7-М]. Бабаев А.А. Государственная миграционная политика и возвращение мигрантов – граждан Республики Таджикистан [Текст] / А.А. Бабаев // Евразийский юридический журнал. – 2016. - №1(92). – С. 214-217.

[8-М]. Бабаев А.А. Государственная миграционная политика и возвращение мигрантов – граждан Республики Таджикистан [Текст] / А.А. Бабаев // Евразийский юридический журнал. – 2016. - №1(92). – С. 214-217.

[9-М]. Бабаев А.А. Проблемы управления миграционными процессами и факторы, способствующие региональной интеграции. //ж. "Экономика Таджикистана". – 2017. - №1. - С. 137-148.

[10-М]. Бабаев А.А. Вазъи мухочирони мехнатии бозгашта ва хамгироии онхо дар чамъият [Матн] / А.А. Бабаев // Иктисодиёти Точикистон. – 2016. - №4. – С. 51-55.

[11-М]. Бабаев А.А. Проблемы возвратившихся трудовых мигрантов –граждан Республики Таджикистан [Текст] / А.А. Бабаев // Известия Академии наук Республики Таджикистан. – 2017. - №2(246). - С. 81-90.

[12-М]. Исламов С.И, Бабаев А.А., Исломова З.С. Влияние внешней трудовой миграции на социально - экономическое развитие страны [Текст] // Таджикистан и современный мир. – 2017. - №2(57). - С. 120-131.

[13-М]. Бабаев А.А. Проблемы управления миграционными процессами и факторы, способствующие региональной интеграции [Текст] / А.А. Бабаев // Экономика Таджикистана. – 2017. - №1. - С. 137-148.

[14-М]. Бабаев А.А. Трудовая миграция – как фактор инновационного развития государств приема и отправки мигрантов [Текст] / А.А. Бабаев // Экономика Таджикистана. – 2017. - №4. - С. 159-167.

[15-М]. Бабаев А.А. Роль мигрантов и диаспор в процессе социально-экономического развития Республики Таджикистан [Текст] / А.А. Бабаев // Экономика Таджикистана. – 2018. - №3. - С. 57-66.

[16-М]. Бабаев А.А., Мировая миграционная глобализация и ее эффективное использование в странах назначения и происхождения. [Текст] / А.А. Бабаев // Экономика Таджикистана. – 2018. - №4. - С. 141-148.

[17-М]. Бабаев А.А., Азимова З.А. Миграционные процессы в Республике Таджикистан и потенциал таджикской миграции в условиях глобализации [Текст] / А.А. Бабаев, З.А. Азимова // Демография. Социология. Экономика. – 2019. - Том 5. - № 3. - С. 180-185.

[18-М]. Бабаев А.А. Мохият ва сабабхои мухочирати таълими [Матн] / А.А. Бабаев // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2019. - №1. – С. 171-178.

[19-М]. Бабаев А.А. Современные проблемы качественных характеристик трудящихся мигрантов Таджикистана [Текст] / А.А. Бабаев // Экономика Таджикистана. – 2019. - №2. - С. 131-137.

[20-М]. Бабаев А.А., Махкамов П. Современная ситуация с трудовой миграцией иностранных граждан в

Республику Таджикистан [Текст] / А.А. Бабаев, П. Махкамов // Экономика Таджикистана. – 2019. - №4. - С. 220-225.

[21-М]. Бобоев А.А. Таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муҳоҷирати меҳнати [Матн] / А.А. Бабаев // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2020. - №3(71). - С. 187-202.

[22-М]. Бобоев А.А. Таҷрибаи байналхалқи оид ба ҷалб намудани муҳоҷирони таълими дар рушди мамлакат [Матн] / А.А. Бобоев, З.А. Азимова // Паёми Донишгохи омӯзгори. – 2020. - №1-2(5-6). - С. 68-71.

[23-М]. Бобоев А.А. Масъалахои мухочирати мехнати ва афзалиятнокии он дар шароити муосири Точикистон [Матн] / А.А. Бобоев, П.Х. Махкамов // Паёми молия ва иқтисод. – 2020. - №1(21). - С. 86-100.

[24-М]. Бабаев А.А. Сабабҳои будубоши ғайриқонунии муҳоҷирони меҳнати дар кишвари қабул ва тадбирҳо оид ба пешгирии афзоиши он [Матн] / А.А. Бобоев, М.У. Мирзоева // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2021. - №2(2). – С. 134-145.

[25-М]. Бобоев А.А. Нақши муҳоҷират дар рушди иқтисодиёт ва татбиқи сиёсати давлати оид ба таъминот бо шуғли пурмаҳсул [Матн] / А.А. Бобоев, М.У. Мирзоева // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2021. - №3. – С. 180-186.

[26-М]. Бабаев А.А. Нақши интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнати, диаспораҳо ва ҳамватанони бурунмарзи дар таъмини трансформатсияи индустриалии деҳот [Матн] / А.А. Бобоев // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2022. - №3. - С. 134-141.

[27-М]. Бабаев А.А. Диверсификация внешней трудовой миграции из Республики Таджикистан: проблемы и перспективы [Текст] / Л.Х. Саидмуродзода, А.А. Бабаев // Экономика Таджикистана. – 2023. - №1. - С. 153-163.

[28-М]. Бобоев А.А. Нақши муҳоҷират дар таъмини амнияти иқтисодии кишвар [Матн] / А.А. Бобоев // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2023. - №2(82). - С. 245-258.

[29-М]. Бобоев А.А. Таъсири вазъи иҷтимоиию иқтисодии кишвар ба муҳоҷиршавии кадрҳои соҳаҳои маориф ва тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.А. Бобоев // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2023. - №3(83). – С. 244-252.

[30-М]. Бобоев А.А. Самтҳои асосӣ, вазифаҳо ва афзалиятҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар замони муосир [Матн] / А.А. Бобоев // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – 2023. - №4(8). - С. 120-131.

[31-М]. Бабаев А.А. Самтҳо ва ҳадафҳои асосии рушди муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар чаҳорчӯбаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [Матн] / А.А. Бабаев, Ф.А. Мирсаидов // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2023. - №2. - С. 124-133.

[32-М]. Бабаев А.А., Мирсаидов Ф.А. Современная миграционная ситуация Республики Таджикистан и потенциал для интеграции на пространстве ЕАЭС и СНГ [Текст] / А.А. Бобоев, Ф.А. Мирсаидов // Экономика Таджикистана. – 2023. - №3. - С. 163-169.

[33-М]. Бобоев А.А. Муҳоҷирати олимону мутахассисон ва таъсири он ба амнияти иқтисодию иҷтимоии кишвар [Матн] / А.А. Бобоев // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – 2024. - №3(11). - С. 155-164.

[34-М]. Бобозода А. Содержание, функции и подсистема управления трудовой миграции как основа обеспечения миграционной безопасности. [Текст] / А. Бобозода // Экономика Таджикистана. – 2025. - №2. - С. 127-138.

[35-М]. Бобозода А. Трудовой потенциал и занятость населения старших возрастных групп. //журнал ВАК “Вестник” филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. Том 2. №1(46). 2025. ISSN 2709-6246. - С. 134-146.

**В) Дар дигар нашрияҳои илмӣ:**

[36-А]. Бабаев А.А. Частные агентства занятости и их роль в процессе организованного набора трудовых мигрантов [Текст] / А.А. Бабаев, М.К. Муродов // Третий международный демографический форум “Демография и глобальные вызовы” 23-25 мая 2024 года. – Воронеж: “Цифровая полиграфия”, 2024. – Том 1. - С. 316-325.

[37-А]. Бобоев А.А. Танзими соҳаи шуғл ва муҳоҷират ҳамчун омили бартарафсозии ҳолати зиддибӯҳронӣ [Матн] / А.А. Бобоев // Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ (25-26 ноябри соли 2021). – Душанбе, 2022. – С. 34-41.

[38-А]. Бабаев А.А. Закономерности происходящих миграционных процессов и проблемы потери кадров в Республике Таджикистан [Текст] / А.А. Бабаев // Российская академия наук, Уральское отделение, Институт экономики. Глобальные вызовы демографическому развитию. Сборник научных статей. – Екатеринбург, 2022. - Том I. – С. 284-295.

[39-А]. Субхонов А.И., Бабаев А.А. Тенденции рождаемости населения в Республике Таджикистан [Текст] // Российская академия наук, Уральское отделение, Институт экономики. В сборнике: Глобальные вызовы демографическому развитию. Сборник научных статей. Том II. – Екатеринбург, 2022. - С. 301-309.

[40-А]. Бабаев А.А. О влиянии пандемии COVID-19 на миграционные процессы и положение мигрантов Республики Таджикистан [Текст] / А.А. Бабаев // Российская академия наук. Институт научной информации по общественным наукам. Курский государственный университет. Россия: тенденции и перспективы развития. Материалы XIII Международной научно-практической конференции «Регионы России: стратегии развития и механизмы реализации приоритетных национальных и региональных

проектов и программ». – Москва, 2022. - № 17. - Часть 3. – С. 321-325.

[41-А]. Бабаев А.А. Перспективы сотрудничества между Республикой Таджикистан и Российской Федерацией в области миграции [Текст] / А.А. Бабаев // Х11 Уральский демографический форум, Том 2-й. Международная научно-практическая конференция. Сборник статей. – Екатеринбург, 2021. – С. 208-215.

[42-А]. Бобоев А.А. Таъсири пандемияи (COVID-19) ба ҷараёни муҳоҷират ва интиқоли пулии муҳоҷирони меҳнати [Матн] / А.А. Бобоев, М.У. Мирзоева // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи “Вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи пандемияи коронавирус (COVID-19)”, 11 декабри соли 2021, шахри Кӯлоб. - 2021. – С. 53-57.

[43-А]. Бабаев А.А. Традиционность семейных ценностей в Республике Таджикистан и роль трудовой миграции в благополучии семей мигрантов [Текст] / А.А. Бабаев // Международный симпозиум «Семья и преемственность поколений»: материалы симпозиума, Иваново – Плёс, 30 сентября – 1 октября 2022 г. – Иваново: Ивановский государственный университет, 2022. - С. 179-185.

[44-А]. Бабаев А.А. Современные проблемы трудовой миграции в Республике Таджикистан и новые подходы к региональной интеграции [Текст] / А.А. Бабаев // Уральский институт управления РАНХиГС при Президенте РФ. Сборник статей VIII Уральского демографического форума. - Том 2. – Екатеринбург, 2017. – С. 259-265

[45-А]. Бабаев А.А. Трудовая миграция как форма проявления экономического закона народонаселения [Текст] / А.А. Бабаев, З.А. Азимова // РАН, Уральское отделение, Институт экономики. X Уральский демографический форум. Сборник статей. - Том 2. – Екатеринбург, 2019. – С. 20-26.

[46-А]. Бабаев А.А. Диаспоры: необходимость их привлечения в процесс развития Таджикистана [Текст] / А.А.

Бабаев // Федеральное государственное бюджетное учреждение науки. Институт проблем рынка Российской Академии наук (ИПР РАН), Материалы международной научно-практической конференции 25-26 февраля 2016 г. - М., 2016. - С. 84-89.

[47-А]. Бобоев А.А. Масъалаҳои такмили механизмҳои идоракунии давлатӣ ва танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.А. Бобоев // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи “Дастовардҳои соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар давраи Истиқлолияти давлатӣ” (24 сентябри соли 2021). Пажуҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии ВММША ҶТ. – Душанбе, 2022. – С. 129-140.

[48-А]. Бабаев А.А. Вклад трудовых мигрантов в социально-экономическое и инновационное развитие государств [Текст] / А.А. Бабаев // Материалы республиканской научно-практической конференции на тему «Финансово-кредитное регулирование развития инновационного предпринимательства в Таджикистане», 10 мая 2022 г. РТСУ. - Душанбе. 2022. – С. 36-41.

[49-А]. Бабаев А.А., Ульмасов Р.У. Анализ деятельности частных агентств занятости по организованному набору и отправке трудовых мигрантов за рубеж [Текст] / А.А. Бабаев, Р.У. Ульмасов // ”Рынок труда”– научный журнал ГУ НИИ труда, миграции и занятости населения. – Душанбе, 2023. - №4(59). - С. 28-38.

[50-А]. Бабаев А.А. Концептуальные основы совершенствования системы управления внешней трудовой миграции Республики Таджикистан [Текст] / А.А. Бабаев // ”Рынок труда”– научный журнал ГУ НИИ труда, миграции и занятости населения. – Душанбе, 2023. - №4(59). - С. 55-65.

[51-А]. Бабаев А.А. Современное состояние рынка труда в Республике Таджикистан и его влияние на трудовую миграцию [Текст] / А.А. Бабаев // Сборник научных трудов

Международной российско-таджикской научно-практической конференции “Россия и Таджикистан в условиях меняющейся мировой экономики”. Институт экономики Российской академии наук. – Москва, 2024. – С. 101-109.

[52-А]. Бобозода А. Теоретические основы совершенствования системы управления трудовой миграцией и обеспечения миграционной безопасности [Текст] / А. Бобозода // ”Рынок труда”– научный журнал ГУ НИИ труда, миграции и занятости населения. – Душанбе, 2024. - №3(62). - С. 66-78.

## СПИСОК ИСПОЛЬЗОВАННОЙ ЛИТЕРАТУРЫ

### Законодательные акты

[1]. Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2022.

[2]. Постановление Правительства Республики Таджикистан «О Концепции трудовой миграции граждан Республики Таджикистан за границу» от 09.06.2001 г., №242.

[3]. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 28 мая 2022 года, №263 «О Концепции развития продуктивной занятости в Республике Таджикистан на период до 2040 года”.

[4]. Постановление Правительства Республики Таджикистан от 29 мая 2010 года, № 277 «Об утверждении Концепции привлечения зарубежных соотечественников в качестве партнеров развития отечества».

[5]. Стратегии регулирования миграционных процессов в Республике Таджикистан на период до 2040 года, утвержденная постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 июня 2023 года, №309.

### Электронные ресурсы

[6]. В 2023 году объем денежных переводов трудовых мигрантов демонстрирует уверенный рост в размере 7,3 процента - [Электронный ресурс]. – Режим доступа. // URL: https://www.vsemirnyjbank.org/ru/n-

ews/press-release/2021/11/17/remittance-flows-register-robust-7-3-percent-growth-in-2021. – Дата обращения: 12.08.2023.
[7]. В Таджикистан за 10 лет поступило свыше $19 млрд. в виде денежных переводов. - [Электронный ресурс]. – Режим доступа. http://www.iom.tj.publications. - Дата обращения. 12.02.2022.
[8]. ВВП Таджикистана - [Электронный ресурс]. – Режим доступа. https://www.google.com/search?q=ввп+таджикистана+в+2021+году&oq=ввп+таджикистана+в+2021+году&aqs=chrome..69i57j33i160l2j33i22i29i30l. - Дата обращения: 28.11.2023.
[9]. Данные ФМС России, 2016 год. - [Электронный ресурс]. – Режим доступа. https://www.xn-----dlcbbdkb2a7bb4ble6a0j.xn--p1ai/. - Дата обращения: 12.09.2023.
[10]. Денежные переводы в Узбекистан составили почти 15 млрд. долларов в 2024 году. - [Электронный ресурс]. – Режим доступа. https://www.gaztta.uz/ru/2025/01/23/money-transfers/. - Дата обращения: 29.01.2025.
[11]. Диаспора. - [Электронный ресурс]. – Режим доступа. URL: https://ru.wikipedia.org. Дата обращения. 05.05.2022.
[12]. Казахстан. - [Электронный ресурс]. – Режим доступа. https://www.google.com/search?q=трудовые+ресурсы+казахстана+2023&oq=трудовые+ресурсы+казахстана&aqs=chrome.1.69i57j0i22i30l3j0i512i546l5.20379j0j7&sourceid=chrome&ie=UTF-8. - Дата обращения: 28.11.2023.
[13]. Кыргызстан. - [Электронный ресурс]. – Режим доступа. https://znanija.com-/task/52704344.- Дата обращения: 28.11.2023.
[14]. Расулов А.Ф., Тростянский Д.В. Таджикские трудовые мигранты и их международные денежные переводы. - [Электронный ресурс]. – Режим доступа.

https://cyberleninka.ru/article/n/tadzhikskie-trudovye-migranty-i-ih-mezhdunarodnye-denezhnye-perevody/viewer. - Дата обращения: 28.11.2023.

[15]. Список_высших_учебных_заведений_Таджикистана. - [Электронный ресурс]. – Режим доступа. https://ru.wikipedia.org›wiki›. – Дата обращения: 28.11.2023.

[16]. Список_стран_по_численности_мигрантов. - [Электронный ресурс]. – Режим доступа. https://ru.wikipedia.org/wiki/. – Дата обращения: 10.09.2019.

[17]. Таджики. - [Электронный ресурс]. - Режим доступа: https://ru.wikipedia.org. – Дата обращения: 06.03.2024.

[18]. Таджикистан в 2022 году получил рекордно высокий объем денежных переводов. - [Электронный ресурс]. – Режим доступа. https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/economic/20230704/tadzhikistan-v-2022-godu-poluchil-rekordno-visokii-obem-denezhnih-perevodov. Дата обращения. 09.04.2022.

[19]. Узбекистан. - [Электронный ресурс]. – Режим доступа. https://www.google.com/search?q=трудовые+ресурсы+узбекистана&oq=трудовые+ресурсы+узбекистана&aqs=chrome..69i57j0i22i30j0i512i546l4j0i546i649.21459j0j15&sourceid=chrom. - Дата обращения: 28.11.2023.

[20]. Шарипов Б.М. Роль денежных переводов мигрантов в обеспечении макроэкономической стабильности Республики Таджикистан. - [Электронный ресурс]. – Режим доступа. https://cyberleninka.ru/article/n/rol-denezhnyh-perevodov-migrantov-v-obespechenii-makroekonomicheskoy-stabi-lnosti-respubliki-tadzhikistan/viewer. - Дата обращения: 28.11.2023.

## Монографии, учебники, учебные пособия

[21]. Бабаев А.А. Современные проблемы миграции населения Республики Таджикистан: ее

потенциал в процессе развития страны [Текст] / А.А. Бабаев. – Душанбе, 2020. – 480 с.

[22]. Бобозода А.А. Равандҳои муосири муҳоҷирати аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилиҳо ва роҳҳои ҳалли он [Матн]: монография / А.А. Бобозода. – Душанбе, 2024. – С. 134.

[23]. Витковская Г. Мировой опыт миграционной политики: ретроперспектива и новейшие тенденции [Текст] / Г. Витковская. - Москва-Алматы, 2004. – С. 12.

[24]. Куддусов Дж. Влияние экономического кризиса в России 2014-2015 годов на мигрантов из Таджикистана и Кыргызстана [Текст] / Дж. Куддусов. – Душанбе, 2015. – С. 13-14.

[25]. Социологический опрос, проведённый Государственная Агентства социальной защиты, занятости населения и миграции Министерства труда и социальной защиты населения Республики Таджикистан. – Душанбе, 2010. – 187 с.

[26]. Социологический опрос, проведённый Кафедрой управления госфинансов Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан в 2021 году.

[27]. Социологический опрос, проведённый Миграционная служба Министерство труда, миграции и занятости населения Республики Таджикистан

[28]. Социологический опрос, проведённый Отделом демографии Института экономики и демографии Академии наук Республики Таджикистан в 2016 году;

## Научные статьи и доклады

[29]. Всемирный банк. Доклад об экономике Таджикистана. - 2023.

[30]. Данные Всемирного банка и Центробанка России. Всемирный банк. Доклад об экономике Таджикистана. 2023.;

[31]. Данные Миграционной службы Республики Таджикистан. 2012 – 2022 гг.

[32]. Сведения Министерства труда, миграции и занятости населения Республики Таджикистан, 2021 год.

**Диссертации и авторефераты**

[33]. Гоибназаров Г.У. автореферат диссертации на тему «Обеспечение экономической безопасности Таджикистана в условиях влияния внешних факторов» на соискание учёной степени доктора экономических наук / Г.У. Гоибназаров. – Душанбе, 2021. – С. 11 – 16.

# АННОТАТСИЯ

ба автореферати диссертатсияи Бобозода Анвар дар мавзуи “Такмили низоми идоракунӣ ва воситаҳои таъмиии амнияти муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”

Мақсади тадқиқоти диссертатсионӣ омузиши асосҳои назариявию методологии такмили низоми идоракунӣ ва воситаҳои таъмини амнияти муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва коркарди хулосаю пешниҳодҳои мувофиқ бо мақсади татбиқи сиёсати самараноки давлатӣ дар ин самт мебошад. Дар кор усулҳои абстраксияи илмӣ, ҷамъоварӣ ва коркарди иттилоот, таҳлили муқоисавии маълумот, муносибати системавӣ, арзёбии экспертии натиҷаҳо, пурсиши сотсиологӣ, таҳлили оморӣ, таҳияи тавсияҳо ва ғайраҳо истифода шуданд.

Натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот бо эътимоднокии маълумот, миқдори кофии маводи таҳқиқот, ҷамъоварӣ, сохтор, коркард ва таҳлили захираҳои иттилоотӣ дар соҳаи муҳоҷират, истифодаи воситаҳои муосири технологияҳои иттилоотӣ, нашри натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷаллаҳои илмии байналмилалӣ ва ватанӣ, нашри монографияҳои шахсӣ ва коллективӣ, дастурҳои таълимӣ тасдиқ карда мешавад.

Навоварии илмии кори диссертатсионӣ аз рушди назарияи муҳоҷирати аҳолӣ, аз ҷумла таҳияи муқаррароти назариявӣ-методологӣ оид ба такмили системаи идоракунӣ ва таъмини амнияти муҳоҷират бо мақсади рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар иборат аст.

Тавсияҳои тадқиқоти гузаронидашуда метавонад дар фаъолияти кории вазорату идораҳои дахлдор ва ҳангоми таҳияи барномаю стратегияҳои давлатӣ истифода бурда шавнд.

**Калидвожаҳо:** такмили низоми идоракунӣ, таъмини амнияти муҳоҷират, сиёсати давлатии муҳоҷират, рушди иҷтимою иқтисодӣ, муҳоҷирони меҳнатӣ, диаспораҳо.

# АННОТАЦИЯ

на автореферат диссертации Бобозода Анвара на тему “Совершенствование системы управления и инструменты обеспечения миграционной безопасности в Республике Таджикистан»

Целью диссертационного исследования является изучение теоретических и методологических основ совершенствования системы управления и инструментов обеспечения миграционной безопасности в Республике Таджикистан и разработка соответствующих выводов и рекомендаций для реализации эффективной государственной политики в данной сфере. В работе использованы методы научной абстракции, системный подход, сравнительный анализ данных, сбор и обработка информации, экспертная оценка результатов, социологический опрос, статистический анализ, выработка рекомендаций и др.

Результаты исследования подтверждаются достоверностью данных, достаточным объемом материалов исследования, сбора, структурирования, обработки и анализа информационных ресурсов, использования современных средств информационных технологий, публикаций результатов диссертационного исследования в международных и отечественных научных журналах, издании личных и коллективных монографий, учебных пособий.

Научная новизна диссертационной работы заключается в развитии теории миграции населения, включая разработку теоретико-методологических положений совершенствования системы управления и обеспечения миграционной безопасности в целях социально-экономического развития страны.

**Ключевые слова:** совершенствование системы управления, обеспечение миграционной безопасности, государственная миграционная политика. социально-экономическое развитие, трудовые мигранты, диаспоры.

## ANNOTATION

on the abstract of the dissertation of Bobozoda Anvar on the topic "Improving the management system and tools for ensuring migration security in the Republic of Tajikistan" for the degree of Doctor of Economics in the specialty 08.00.06.01 - Economic security

The abstract presents the main content of the dissertation work on the study of the theoretical foundations of population migration and improving the management system and ensuring migration security of migrants, society and the state. The goal and objectives set in the dissertation research allowed us to expand the scope of the theoretical study of migration problems and move on to practical solutions for the implementation of effective migration policy and the prevention of migration threats, which creates conditions for maximizing its positive aspects and minimizing negative ones.

Labor migration over the past decades has acquired a global character on a global scale, including in the Republic of Tajikistan. Therefore, many countries are trying to use the sphere of migration in the process of socio-economic development. Tajikistan has acquired considerable experience in the field of migration, but at present the country is experiencing certain difficulties that need to be resolved with the least possible losses for the state.

Mass return (deportation) of labor migrants from Russia; constant raids and detention, beatings and humiliation of the honor and dignity of migrants by the Russian police; ineffective activities of the relevant government bodies of Tajikistan to protect the rights of citizens of the country abroad; insufficient interaction at the interstate and interdepartmental levels to resolve migration problems; weak cooperation with diasporas, labor migrants and foreign compatriots in their active involvement in the process of sustainable development of the country, as well as other issues require timely solutions.

The author's conclusions and proposals on the topic under study are aimed primarily at improving the management system and ensuring migration security, developing interdepartmental and interstate cooperation, strengthening the institution of migration and diasporas, using the potential of migration in the socio-economic development of the country and improving the standard of living of the population.

**Keywords:** migration management system, ensuring migration security, labor migration, socio-economic development, diversification of external labor migration, foreign experience, diasporas, effective state migration policy.